**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВИЛОЯТИ СУҒД**
**МАҶЛИСИ ВАКИЛОНИ ХАЛҚИ НОҲИЯИ ШАҲРИСТОН (Даъвати IV)**

# ҚАРОР

аз 17 августи соли 2011 | № 85 | ш. Шаҳристон

Оиди тасдиқи «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2011-2015»

Мутобиқи моддаи 8-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» ва бо мақсади таъмин намудани вазъи устувори рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ноҳияи Шаҳристон иҷлосияи шашуми Маҷлиси вакилони халқи ноҳияи Шаҳристон (даъвати IV)

## ҚАРОР МЕКУНАД:

1. Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2011-2015 тасдиқ карда шавад (замима мегардад).
2. Аз мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд хоҳиш карда шавад, ки «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2011-2015»-ро дастгирӣ намояд.
3. Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи комиссияҳои доимии Маҷлиси вакилони халқи ноҳия вогузор карда шавад.

**Раиси Маҷлис** **Н. Муқумов**

БАРНОМАИ РУШДИ
ИҚТИСОДИИ ДЕҲОТ
RURAL GROWTH PROGRAMME

Барнома бо дастгирӣ ва кӯмаки техникии Барномаи Рушди Деҳоти БРСММ, Агентии ҳамкориҳои байналмиллалии Олмон ва Департаменти рушди ҳамкориҳои байналмиллалии Британияи Кабир, таҳти сарпарастии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гаштааст.

# Мундарича

**Рӯйхати ихтисорот ....... 5**
**Сухани ифтитоҳии Раиси ноҳия ....... 6**
**Пешгуфтор ....... 7**

**Боби 1. Ҳолати умумӣ ва вазъи воқеии ноҳия ....... 8**
1.1. Сохти маъмурию ҳудудии ноҳияи Шаҳристон ....... 8
1.2. Таърихи мухтасари ноҳияи Шаҳристон ....... 8
1.3. Шароитҳои иқлим ва табиати ноҳияи Шаҳристон ....... 9
1.4. Ҳолати демографии ноҳия ....... 9
1.5. Тамоилҳои асосии иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Шаҳристон ....... 11
1.6. Биниши ноҳияи Шаҳристон ....... 14

**Боби 2. Таҳлили вазъ ва дурнамои соҳаҳо ....... 16**
**2.1. Иқтисодиёт ....... 16**
2.1.1. Кишоварзӣ ....... 16
2.1.2. Саноат ....... 20
2.1.3. Соҳибкории хурд ва миёна ....... 22
2.1.4. Хизматрасониҳо дар инкишофи СХМ ....... 23
2.1.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иқтисодиёт ....... 26
**2.2. Иҷтимоиёт ....... 31**
2.2.1 Маориф ....... 31
2.2.2. Тандурустӣ ....... 34
2.2.3. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ....... 37
2.2.4. Фарҳанг ва фароғат ....... 39
2.2.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иҷтимоиёт ....... 42
**2.3. Инфрасохтор ....... 46**
2.3.1. Хоҷагии манзилию коммуналӣ ....... 46
2.3.2. Барқрасонӣ ....... 48
2.3.3. Нақлиёт, алоқа ва роҳ ....... 48
2.3.4. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои инфрасохтор ....... 52
**2.4. Ҳифзи муҳити зист** ....... 56
2.4.1. Ҳолатҳои фавқулодда ....... 56
2.4.2. Муҳити зист ва хоҷагии ҷангал ....... 57
2.4.3. Стратегия ва вазифаҳои бахши бехатарӣ ва муҳити зист ....... 60
**2.5. Таъминоти захиравӣ дар раванди идоракунии рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия ....... 62**
**2.6. Маблағгузории Барнома ....... 67**

**Боби 3. Мониторинг ва арзёбӣ ....... 69**

## Рӯйхати ихтисорот

| | |
|---|---|
| ВРИС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИМХД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| БРСММ | Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид |
| БРН | Барномаи Рушди Ноҳия |
| DFID | Департаменти Британияи Кабир оид ба рушди байналмиллалӣ |
| GIZ | Агентии Олмон оид ба ҳамкории техникӣ |
| ГТ | Гурӯҳи ташаббускор |
| ГК | Гурӯҳи корӣ |
| КАТС | Кӯмаки аввалияи тиббию санитарӣ |
| КДФОК | Корхонаи давлатии фаръии обу корезӣ |
| КВДИОН | Корхонаи воҳидии давлатии интиқоли оби нӯшокӣ |
| МваА | Мониторинг ва арзёбӣ |
| НРҶ | Нақшаи Рушди ҷамоат |
| НОБ | Нерӯгоҳи обии барқӣ |
| НМваА | Низоми мониторинг ва арзёбӣ |
| ММД | Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ |
| МДҶ | Маркази дастгирии ҷамоат |
| ОКТ | Омӯзишгоҳи касбӣ техникӣ |
| ПСМ | Партовҳои сахти маишӣ |
| СМР | Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 |
| СПКСК | Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012 |
| СХМ | Соҳибкории хурду миёна |
| СШН | Сирояти шадиди роҳи нафас |
| ТҒД | Ташкилотҳои ғайридавлатӣ |
| ҲРҲ | Ҳадафҳои Рушди Ҳазорсола |
| ШРН | Шӯрои рушди ноҳия |
| ҶСП | Ҷамияти саҳомии шакли пӯшида |
| ҶС | Ҷамъияти саҳомӣ |

## Сухани ифтитоҳии Раиси ноҳияи Шаҳристон

Шаҳристон ноҳияи аз нав барқароргардида, хушбоду ҳаво ва зебоманзар буда, барои истеҳсол ва коркарди маҳсулотҳои гуногуни кишоварзӣ мувофиқ мебошад.

Шаҳристон дорои манзараҳои зебою дилрабо, боду ҳавои софу беғубор, кӯҳҳои сарсабз ва аз канданиҳои фоиданок ғанӣ мебошад. Ноҳияи Шаҳристон барои ташкил ва рушди соҳаи сайёҳӣ мувофиқ буда, мардуми он бо меҳмондӯстию меҳру садоқат машҳур гаштаанд.

То солҳои наздик дар ҳудуди ноҳия мактабҳои замонавӣ башумор буда, ҳатто бинои беморхонаи замонавӣ вуҷуд надошт. Бо назардошти мушкилиҳои дар соҳаҳои гуногуни хоҷагии халқи ноҳия ҷойдошта, метавон чунин хулоса баровард, ки вазифаи аввалиндараҷаи мо тавассути Барномаи мазкур - ин баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии ноҳия, пурра аз таъмир баровардани роҳҳои маҳаллӣ, беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори ноҳия ва бунёди корхонаҳои коркарди маҳсулот ва сохтмону ба истифода додани иншоотҳои муосири иҷтимоӣ мебошад.

Имрӯз ноҳияро, ки қариб ягон манбаи истеҳсоли маводи ниёзи ҳаррӯзаи мардум надорад, бе содироту воридот тасаввур намудан имконнопазир аст.

Таи чанд моҳ гурӯҳи кории ноҳия, дар доираи лоиҳаи Барномаи рушди деҳот ва дар асоси дастури методии тавсиянамудаи Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дастгирии молиявии Барномаи рушди Созмони Миллали Муттаҳид, Вазорати Рушди Байналмиллали Бритониёи Кабир ва Агентиии Олмон оиди хамкории байналхалқӣ, кӯшиш ба харҷ доданд, ки Барномаи рушди ноҳияро таҳия намоянд. Барнома аз ҷониби аҳолии ноҳия ва тамоми сохторҳои маҳаллӣ дастгирӣ ёфт. Роҳбарияти ноҳияи Шаҳристон тамоми кӯшишу ғайрати худ ва кормандони худро барои расидан ба ҳадафҳои Барнома равона менамояд.

Барои дар амал татбиқ намудани Барномаи рушди ноҳияи Шаҳристон, корҳои зиёдеро ба анҷом расонидан лозим аст. Ҳамаи мо шароити диёрамонро хуб медонем ва дар бораи захираҳои бойи он низ иттилоъ дорем.

Мутаассифона, барои амалӣ намудани Барномаи рушди ноҳия, захираҳои молиявии ноҳия нокифоя мебошанд. Ҳиссаи зиёди буҷети ноҳия аз ҳисоби субвенсияи вилоятӣ буда, тақрибан 68 фоизро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, моро лозим аст, ки ҷиҳати татбиқи Барномаи рушди ноҳия фазои солими сармоягузориро барои сармоягузорони ватанию хориҷӣ муҳайё намуда, маблағҳои воридгардидаро самаранок ва мақсаднок истифода барем. Аз ҷониби дигар, дар ноҳия омилҳои зиёде мавҷуданд, ки дар сурати истифодабарии мақсадноки онҳо, захираҳои молиявӣ ғанӣ мегарданд. Муҳимтар аз ҳама, хоҳиши аҳолӣ, созмонҳои маҳаллӣ ва мақомоти маҳаллӣ барои истифодаи самараноки онҳо хеле зиёд аст.

Ноҳияи Шаҳристон барои расидан ба дараҷаи баланди рушди иқтисодиёт, фарҳанг ва маънавиёт, тамоми омилҳои заруриро доро мебошад. Замини ҳосилхез, сарватҳои табиӣ, таҷрибаи кофӣ, тамаддуни сеҳазорсола, аз ҳама муҳимаш, мардуми меҳнатдӯст ва мумтоз дорад.

Ман ба ҳамаи онҳое, ки дар таҳияи Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2011-2015 саҳм гузоштаанд, миннатдории худро изҳор намуда, боварии комил дорам, ки минбаъд низ дар масъалаи ободонии ноҳияи Шаҳристон ба мо кӯмак мерасонанд ва дар ҳаллу фасл намудани мушкилоти мардуми он саҳми худро мегузоранд.

# ПЕШГУФТОР

Барномаи рушди иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Шаҳристон нақшаи миёнамӯҳлати рушди ноҳияи Шаҳристон буда, бо иштироки васеъ ва машваратҳои намояндагони доираҳои зиёди аҳолӣ ва ҷомеаи шаҳрвандию бахши хусусӣ тарҳрезӣ шудааст.

Дар таҳлили мушкилотҳои соҳаҳои мухталифи иктисодиёти ноҳия ва интихоби самтҳои асосии рушди минбаъдаи он, мутахассисони соҳаҳои дахлдор ва фаъолони ноҳия иштирок ва саҳмгузорӣ намудаанд.

Барномаи номбурда дар асоси «Дастури методӣ оид ба таҳия ва татбиқи Барномаи рушди шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидораи шаҳраку деҳот», ки Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси сиёсати давлатӣ ва асосҳои стратегии рушди кишвар тартиб додаст, таҳрезӣ гардидааст.

Барномаи зикргардида таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ноҳияро дар панҷ соли оянда пешбинӣ менамояд. Он роҳнамои фаъолияти минбаъдаи мақомоти идораи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва механизми муосири ҳамоҳангсозандаи тамоми мақомоту ташкилотҳои дар ҳудуди ноҳия фаъолияткунанда мебошад.

Барнома ба тариқи зайл таҳрезӣ гардидааст:

Боби 1-ум шарҳи мухтасар ва таҳлили ҳолати кунунии ноҳияро бо фарогирии тамоюлҳои рушди солҳои охир дар бар мегирад.

Боби 2-юм баҳодиҳии ҳолати ҷории ноҳияро дар соҳаҳои иқтисодиёт, иҷтимоиёт, инфрасохтор ва ҳифзи муҳити зист, инчунин стратегияи рушди соҳаҳои мазкурро дар панҷ соли минбаъда дар бар гирифтааст.

Боби 3-юм масъалаҳои ташкили шабакаи татбиқ, мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳияро фарогир шудааст.

Барномаи мазкур миёнамуҳлат буда, дар ҳар панҷ сол як маротиба таҳия гашта, соле як маротиба рафти иҷроиши он мавриди баррасӣ қарор дода мешавад ва бо назардошти натиҷаҳои мониторинг ва арзёбии вазъи иҷтимоию иқтисодии ноҳия, ба Барнома тағйироту иловаҳо ворид карда мешаванд.

# БОБИ 1. ҲОЛАТИ УМУМӢ ВА ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ НОҲИЯ

## 1.1. Сохти маъмурию ҳудудии ноҳияи Шаҳристон

Ноҳияи Шаҳристон дар домонакӯҳи қаторкӯҳҳои Туркистон воқеъ гардидааст. Ноҳия аз тарафи ҷанубу шарқ ба масофаи 53 км бо ноҳияи Истаравшан, аз тарафи шимолу ғарб ба масофаи 33 км бо ноҳияи Айнӣ ва аз тарафи ҷанубу ғарб ба масофаи 124 км бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ҳамсарҳад мебошад.

Масофаи роҳ аз маркази ноҳияи Шаҳристон то шаҳри Душанбе 240 км ва то маркази вилояти Суғд - шаҳри Хуҷанд 100 километрро ташкил медиҳад.

Масоҳати умумии ноҳия 114,3 км$^2$-ро ташкил медиҳад.

Дар ноҳия 2 ҷамоат (иборат аз 19 деҳа) мавҷуд мебошад, аз ҷумла:

- Ҷамоати деҳоти Шаҳристон, иборат аз 12 деҳа бо теъдоди 19390 нафар аҳолӣ.
- Ҷамоати деҳоти Янгиқурғон, иборат аз 7 деҳа бо теъдоди 13590 нафар аҳолӣ.

*Харитаи ноҳияи Шаҳристон*




## 1.2. Шарҳи таърихӣ ва фарҳангӣ

Ноҳияи Шаҳристон таърихи бойи қадимаи се ҳазор сола дошта, дар гузашта ҳамчун пойтахти мулки Уструшана, (ҳозира Истаравшан) бо номи Бунҷикат маъруф буд. Кашфиётҳои археологии қалъаи Қаҳ-Қаҳа ва дарёфт шудани тасвираи «Модар-гург», аз таърихи рангин ва пурмӯҳтавои ин диёри зебо шаҳодат медиҳанд. Бунҷикат дар асрҳои қадим, яке аз марказҳои калонтарини сиёсӣ ва фарҳангии шарқ буда, шаҳре буд, ки тамаддуни ғарбро бо шарқ пайваст менамуд.

Уструшанаи қадим дар он айём дар ҳайати Суғд қарор дошт. Дар тӯли асрҳои V-1X бошад, хонигарии мустақил буд.

Соли 822 Уструшана аз тарафи арабҳо забт гардид ва Афшин-Ковус сарвари ҳамонвақтаи он, маҷбур шуд дини исломро қабул кунад. Соли 899 Истаравшан (Уструшана) ба ҳайати давлати Сомониён шомил гардид.

Дар навиштаҷотҳои таърихии соли 1888 Шаҳристон ҳамчун деҳа ба қайд гирифта шудааст ва дар он айём аз 59 хонавода иборат буд. Дар соли 1905 бошад дар ҳудуди он 108 хонавода ба қайд гирифта шуда буд.

Дар маркази Шаҳристон ҳамеша бозор мавҷуд буда, он аз растаҳои ҳунармандӣ, атторӣ, қассобӣ, дӯкони орду ғалла ва дӯконҳои оҳангарӣ иборат буд.

Деҳаи Шаҳристони қадима барои хизматрасонии мусофирон чойхона ва барои нигоҳ доштани аспу ароба ва маркаби мусофирон биноҳои махсус дошт. Дар деҳаи мазкур бозори чорво алоҳида амал мекард ва рӯзи ҷумъа рӯзи бозор ҳисоб мешуд.

Аз 27 майи соли 1919 волости Шаҳристон дар ҳайати уезди Ӯротеппа ташкил шудааст. Дар соли 1920 барои дуруст ба роҳ мондани чорабиниҳои маъмурии ҳокимияти Шӯравӣ уезди Ӯротеппа ба ду ноҳия тақсим карда шуд. Яке аз онҳо ноҳияи Шаҳристон буд, ки аз се волост иборат буда, 23 деҳаро дар бар мегирифт.

Аз 6 июли соли 1929 бо қарори Президиуми Комитети Марказии иҷроияи Ҷумҳурии Мухтори Совети Сотсиалистии Тоҷикистон №10/12, ноҳияи Шаҳристон ташкил карда шудааст, ки аз се Шӯрои қишлоқ иборат буд. Дар соли 1958 ноҳия барҳам дода шуд.

То соли 1990 марзи ноҳия тобеъи ноҳияи Истаравшан буд ва пеш аз Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 августи соли 1990 таҳти №111 номи ноҳияи Шаҳристон аз нав барқарор гардонида шуд.

Ёдгориҳои таърихии қалъаи «Қаҳ-Қаҳа», «Чилдухтарон», харобаҳои пойтахти асримиёнагии вилояти Уструшана - Бунҷикат, Саризиндон, Тирмизактеппа ва зиёратгоҳҳо ва мазорҳои Ҳазрати Мулло, Абубакри Сиддиқ, Ҳазрати Бурхи Валӣ, Туятошбобо, Чанговулбобо, Қӯтур ота, Хоҷаи Рӯшноӣ ва амсоли онҳо, диққати зиёраткунандагони зиёди ватанию хориҷиро ба сӯи худ ҷалб менамоянд.

Рушди инфрасохтор, тармиму таҷдиди шоҳроҳи Душанбе-Чанок ва ба истифода супоридани нақби «Шаҳристон» имконият медиҳад, ки дар оянда соҳаи сайёҳӣ дар ноҳия рушд ёфта равнақи тоза пайдо намояд.

Ноҳияи Шаҳристон барои расидан ба дараҷаи баланди рушди иқтисодиёт ва иҷтимоиёт ҳамаи омилҳои заруриро дорост. Мавҷудияти заминҳои ҳосилхез, сарватҳои табиӣ, таҷрибаи тамаддуни сеҳазорсола ва аз ҳама муҳимаш мардуми меҳнатдӯст ва мумтози он барои рушди минбаъдаи ин гӯшаи ҷумҳурии азизамон заминаҳои мусоид фароҳам овардааст.

### 1.3. Шароити иқлим ва табиати ноҳияи Шаҳристон

Шаҳристон бо табиати нотакрораш, хусусан бо олами ҳайвонот ва набототаш, кайҳо дар тамоми Тоҷикистон ва берун аз марзи он шӯҳрат ёфтааст.

Шаҳристон ноҳияи наздикӯҳӣ буда, 58,8%-и ҳудуди онро қаторкӯҳҳо ташкил медиҳанд. Кӯҳҳои Шаҳристон бо дарахтони ҳамешасабзи арчаи Зарафшонӣ рӯйпӯш гардида, обу ҳавои тоза, таърихи кӯҳан ва табиати нотакрори он барои ривоҷу равнақи соҳаи сайёҳӣ хеле мусоид мебошад.

Иқлими Шаҳристон мӯътадил буда, намнокиаш кам ва тобистонаш хушку дилнишин буда, зимистонаш миёнаи нарм ва хунуки сербарф мебошад.

Ҳарорати миёнаи солонаи ҳаво аз -2°С то +7°С буда, ҳарорати моҳи январ аз -4°С то -11°С, ҳарорати моҳи июл бошад +30°С мебошад. Дар як сол дар ноҳия давраи гармӣ 120 рӯз буда, рутубати ҳаво ба 48,8% баробар мебошад.

### 1.4. Ҳолати демографӣ

Шумораи аҳолии ноҳияи Шаҳристон ба ҳолати 1 январи соли 2010 - 32980 нафарро ташкил додааст, аз ҷумла шумораи мардон 16205 нафар (ё 49,13%) ва шумораи занон 16775 нафар (ё 50,87%) буда, суръати миёнаи афзоиши солонаи аҳолӣ 2,9 фоизро ташкил медиҳад.

Зичии ҷойгиршавии аҳолии ноҳия дар 1 километри мураббаъ 288 нафарро ташкил медиҳад. Ноҳия аз рӯи хусусияташ аграрӣ буда, аҳолии он пурра дар деҳот зиндагӣ менамоянд.

Дар ҳайати миллии аҳолии ноҳияи Шаҳристон тоҷикон 17,3 %, ӯзбекҳо 80,4%, қирғизҳо 2 % ва дигар миллатҳо 0,3 %-ро ташкил менамоянд.

*Ҷадвали №1. Шумораи аҳолии ҷамоатҳои деҳоти ноҳияи Шаҳристон*

| Ҷамоатҳо | Миқдори хоҷагиҳо, адад | Шумораи аҳолӣ, нафар |
|---|---|---|
| Ҷамоати Шаҳристон | 4120 | 19 390 |
| Ҷамоати Янгиқӯрғон | 2937 | 13 590 |
| Ҳамагӣ: | 7057 | 32 980 |

*Диаграммаи 1. Ҳайати миллии аҳолии ноҳияи Шаҳристон дар соли 2010*




*Ҷадвали №2. Таркиби синнусолии аҳолии ноҳияи Шаҳристон дар соли 2010*

| Аҳолӣ | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла духтарон | Фоизи духтарон |
|---|---|---|---|
| Ноболиғони то 14 сола (бачаҳо) | 12496 38% | 6390 | 51,2 |
| Синнусоли миёна | 17610 51,6% | 8943 | 50,8 |
| Синнусоли нафақадошта (63 мард/58 зан) ва боло | 2874 10,4% | 1442 | 50,2 |
| Ҳамагӣ: | 32980 | 16775 | 50,8 |

Афзоиши аҳолии ноҳияи Шаҳристон дар се соли охир 1766 нафарро ташкил додааст. Афзоиши миёнаи солонаи аҳолӣ бошад 2,9%-ро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №3. Афзоиши демографии аҳолии ноҳияи Шаҳристон*

| Солҳо | Шумораи ақди никоҳ | Шумораи фавтидагон | Таваллуд | Афзоиши табиии аҳолӣ | Афзоиши аҳолӣ, бо фоиз % | Шумораи умумии аҳолӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2008 | 238 | 170 | 1013 | 740 | 102,2 | 31214 |
| 2009 | 397 | 161 | 1027 | 1140 | 102,4 | 31965 |
| 2010 | 191 | 168 | 1042 | 1880 | 103,2 | 32980 |

*Ҷадвали №4. Нишондиҳандаҳои дурнамои афзоиши демографии аҳолӣ дар ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Нишондиҳандаҳои асосии иқтисодии умумӣ | | | | | | |
| | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи аҳолӣ ба ҳисоби миёнаи солона (ҳазор нафар) – ҳамагӣ | 34,5 | 35,2 | 35,9 | 36,6 | 37,2 | 107,8 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| шаҳрӣ | | | | | | |
| деҳотӣ | 34,5 | 35,2 | 35,9 | 36,6 | 37,2 | 107,8 |

## 1.5. Тамоилҳои асосии иқтисодию иҷтимоии ноҳияи Шаҳристон

Ноҳияи Шаҳристон субвенсионӣ буда, 68,0% маблағҳо аз ҳисоби буҷети вилояти Суғд ба буҷети маҳаллӣ ворид мегардад.

Дар ноҳия ду корхонаи саноатӣ фаъолият менамояд, аз ҷумла ҶММ «Сангҳои ороишӣ» ва ҶММ «Нигина». Саҳми онҳо дар ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти саноатии ноҳия ҳамагӣ 3,5 % - ро ташкил медиҳад.

Ноҳияи Шаҳристон яке аз минтақаҳои аграрии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Кишоварзӣ соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёт буда, дар ҳаёти иқтисодии ноҳия нақши аввалиндараҷаро мебозад. Дар соҳаи кишоварзӣ қисми асосии аҳолии қобили меҳнат фаъолият менамоянд. Самтҳои асосии кишоварзии ноҳия растанипарварӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ ба ҳисоб меравад.

Дар ноҳияи Шаҳристон 13 хоҷагиҳои деҳқонии ҷамоавӣ, 455 хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ ва 2 хоҷагии давлатӣ фаъолият менамоянд.

Майдони заминҳои корами кишоварзии ноҳия аз рӯи ҳамаи намудҳои хоҷагидорӣ 13207 гектарро ташкил медиҳад ва аз ин масоҳат тақрибан 81,6 % барои кишти ғалладонагӣ, 5,4% барои парвариши картошка ва 13,4% замин барои кишти дигар зироатҳои кишоварзӣ истифода бурда мешавад.

Захираҳои обии ноҳияи Шаҳристон барои пурра таъмин намудани аҳолии ноҳия бо оби тозаи нӯшокӣ ва обёрӣ намудани заминҳои киштзор нокифоя буда, норасогии оби нӯшокӣ ва оби полезӣ яке аз мушкилиҳои асосии аҳолии ноҳия ба ҳисоб меравад.

Ба ҳолати 1 январи соли 2010 дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқи ноҳия 3287 нафар шаҳрвандон бо кори доимӣ машғул мебошанд.

Шароити табиию иқлимии ноҳияи Шаҳристон, барои афзоиши ҳаҷми рушди парвариш ва истеҳсоли картошка, сабзавот, ғалладона, зироатҳои полезӣ, зироатҳои техникӣ, инчунин барои ривоҷу равнақи аспарварӣ ва занбӯри асалпарварӣ хеле мувофиқ мебошад.

*Диаграммаи 2. Хароҷотҳои буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳристон аз рӯи соҳаҳо дар давоми солҳои 2008-2010*




| | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Маориф | 67,2% | 67,4% | 63,9% |
| Тандурустӣ | 11,1% | 8,2% | 11,3% |
| Ҳифзи иҷтимоӣ | 2,3% | 1,9% | 1,6% |
| Гайра | 19,4% | 22,6% | 23,2% |

Кӯҳсорони ноҳия аз гиёҳҳои шифобахш аз қабили мумиё, ангат, хуч, бодоми кӯҳӣ, зирк, пиёзи анзур, зағоса (эфедра) ва дигар гиёҳҳои кӯҳӣ бой буда, барои бунёд ва рушди корхонаҳои хурди дорутайёркунӣ ва ба даст овардани даромади иловагӣ, манбаи асосӣ ба ҳисоб меравад.

Ин соҳаҳо метавонанд тавассути истифодаи қарзҳои бонкӣ ва ҷалби сармоягузорони дохилию хориҷӣ, ҳангоми фароҳам овардани шароити мусоид, бевосита рушд ёбанд ва бо воситаи ташкили ҷойҳои нави корӣ, дар паст намудани сатҳи камбизоатӣ саҳми назаррас гузоранд.

Дар ноҳия филиалҳои Бонки давлатии амонатгузории «Амонатбонк», ҶСП «Тоҷпромбонк», ҶСК «Агроинвестбонк» ва намояндагиҳои ташкилотҳои қарздиҳии хурд фаъолият менамоянд.

*Ҷадвали №5. Нишондиҳандаҳои захираҳои меҳнатии ноҳия дар солҳои 2008-2010*

| № р/т | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Миқдор | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2008 | с.2009 | с.2010 |
| 1. | Хоҷагиҳои оилавӣ | оила | 6466 | 6909 | 7057 |
| 2. | Аҳолӣ | нафар | 31214 | 32195 | 32980 |
| 2.1. | Мардон | нафар | 15172 | 16075 | 16205 |
| 2.2. | Занон | нафар | 16042 | 16120 | 16775 |
| 2.3. | Кӯдакони то синни 14 сола. | нафар | 12214 | 12693 | 12496 |
| 2.4. | Сину соли миёна (мард 15-62), (зан 57) сол | нафар | 161217 | 16276 | 17037 |
| 2.5. | Пиронсолон (мард 63, зан58) | нафар | 2873 | 3226 | 3447 |
| 3. | Муҳоҷирони меҳнатӣ. | нафар | 969 | 799 | 1156 |
| 4. | Бекорон (аз қайд гузашта) | нафар | 323 | 426 | 300 |

*Ҷадвали №6. Шумораи аҳолии дар иқтисодиёти ноҳия машғул буда*

| № | Соҳаҳо | Барои соли 2010 нафар |
|---|---|---|
| 1 | Саноат. | 58 |
| 2 | Савдо ва хӯроки умумӣ | 86 |
| 3 | Сохтмон | 41 |
| 4 | Тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ. | 453 |
| 5 | Маориф | 1287 |
| 6 | ХМК | 37 |
| 7 | Алоқа | 20 |
| 8 | Фарҳанг | 35 |
| 9 | Соҳибкорон | 40 |
| 10 | Хоҷагии қишлоқ | 1844 |
| 11 | Дигар соҳаҳо | 300 |
| | Ҷамъ: | 4201 |

Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали боло нишон медиҳад, ки дар иқтисодиёти ноҳия 43,9% аҳолии қобили меҳнат асосан дар соҳаи кишоварзӣ ва 30,6%-и аҳолии қобили меҳнати ноҳия дар соҳаи маориф машғул мебошанд.

*Ҷадвали №7. Истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ дар ноҳия дар давраи солҳои 2005-2010*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак. | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми махсулоти хоҷагии қишлоқ, Ҳамагӣ: аз он ҷумла; | ҳаз.сомонӣ. | 19257 | 32481 | 35198 | 45379 | 61412 | 62452 |
| 2 | Растанипарварӣ | ҳаз.сомонӣ | 12838 | 22724 | 25081 | 16423 | 44951 | 43148 |
| 3 | Чорводорӣ | ҳаз.сомони | 6419 | 9757 | 10117 | 28986 | 16461 | 19304 |

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал маълум мегардад, ки истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ нисбат ба соли 2005 дар соли 2010 ба маблағи 43195 ҳаз. сомонӣ, ё 3,2 маротиба ва чорводорӣ ба маблағи 12885 ҳазор сомонӣ, ё 3,0 маротиба зиёд истеҳсол карда шудааст.

Тамоилҳои мусбати соҳаҳои иҷтимоии ноҳия: таъминоти зарурӣ бо кадрҳои педагогӣ дар ҳамаи мактабҳои таҳсилоти умумии ноҳия ва афзуншавии шумораи муаллимони маълумоти олидор нисбат ба солҳои гузашта ба 0,7 %, шароити мусоид барои беҳтар намудани базаи моддии техникии мактабҳои таҳсилоти умумӣ, мавқеи хуби ҷойгиршавии географӣ ва шароити мусоиди обу ҳаво барои ташкил намудани истироҳатгоҳҳо ва шифохонаҳо буда, тамоилҳои манфии соҳаи иҷтимоии ноҳия ин вуҷуд надоштани мактабҳои замонавӣ, дар ҳолати садамавӣ қарор доштани аксарияти биноҳои мактабҳои ноҳия, таъминоти нокифояи мактабҳо бо лавозимоти мактабӣ, нокифоягии таъминоти дастгоҳҳои муосири тиббӣ ва норасогии мутахассисони ботаҷрибаи соҳаҳои тиббӣ мебошанд.

Захираҳои табиии дар ҳудуди ноҳияи Шаҳристон мавҷуд буда аз боксит, сурма, симоб, тахтасангҳои мармарин, омехтаи сурбу нуқра ва оҳаксанг иборат буда, то ҳол пурра мавриди омӯзиш ва таҳқиқу истифода қарор нагирифтаанд.

Захираҳои мазкур барои инкишофи корхонаҳои саноатӣ, бахусус корхонаҳои коркарди саноати кӯҳӣ хеле мусоид буда, дар сурати ҷалби сармояи ватанию хориҷӣ ва истифодаи самараноки он, дар ояндаи наздик метавонад ҳамчун локомотиви иқтисодиёти ноҳия гардад.

Ноҳияи Шаҳристон дар даврони мавҷудияти Иттиҳоди Шӯравӣ, ҷои дӯстдоштаи сайёҳони тамоми гӯшаву канори мамлакат маҳсуб меёфт. Кӯҳҳои сар ба фалак кашида, иқлими нарму мӯътадил, чашмаҳои мусаффои шифобахш ва табиати нотакрори ин маҳал, бинандаро мафтуни худ мегардонад.

Дар давраи собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, дар ноҳия «Табобатгоҳи қимизӣ» бо хусусиятҳои хоси худ шӯҳрати беандоза дошт ва дар он зиёда аз даҳ намуди бемориҳо табобат карда мешуданд ва гирифторони бемориҳо пурра шифо меёфтанд

Шароити табии ва обу ҳавои софу беғубори ноҳияи Шаҳристон барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ хеле мувофиқ мебошанд, аммо айни ҳол имкониятҳои имрӯзаи иқтисодӣ ва инфрасохтории мавҷудаи ноҳия барои рушди соҳа номувофиқ ва нокифоя аст.

Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки тавассути ҷалби сармояи хориҷию ватанӣ ва дар асоси ҳамкории сохтори давлатию бахши соҳибкорӣ, баҳри рушди соҳаи мазкур дар ноҳия чораҳои амалӣ андешида шаванд.

*Ҷадвали №8. Муайян намудани соҳаҳои афзалиятнок аз рӯи мушкилотҳои мавҷуда*

| № | Соҳа | Шумораи умумии муаммоҳои муайяншуда | % муаммоҳои муайяншуда | Афзалиятнокӣ дар сатҳи ноҳия |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Хоҷагии қишлоқ ва обёрӣ | 12 | 17.6 | 1 |
| 2 | Нақлиёт ва коммуникатсия | 5 | 7.3 | 7 |
| 3 | Таъмини оби нӯшокӣ | 7 | 10.3 | 5 |
| 4 | Нигоҳдории тандурустӣ | 18 | 26.6 | 2 |
| 5 | Хизматрасонии коммуналӣ | 5 | 7.3 | 8 |
| 6 | Маориф | 10 | 14.7 | 3 |
| 7 | Таъминот бо қувваи барқ | 3 | 4.4 | 6 |
| 8 | Фарҳанг | 4 | 5.9 | 4 |
| 9 | Офатҳои табиӣ | 4 | 5.9 | 9 |
|  | Ҳамагӣ: | 68 | 100 |  |

Мушкилиҳои асосии дар ноҳия ҷойдошта, ин пеш аз ҳама, сатҳи пасти иқтисодиёти ноҳия мебошад.

Дастрасии умумии аҳолии ноҳия ба хаттҳои оби нӯшокӣ 72,7% - ро ташкил дода, 27,3%-и дигари аҳолӣ ба он умуман дастрасӣ надорад.

Умуман, дар миқёси ноҳия ҳамагӣ 25 км хатти оби нӯшокӣ мавҷуд аст, ки манбаи асосии онро обҳои рӯизаминии аз чашмаву ҷӯйборҳо манбаъ гирифта, ташкил медиҳанд.

Дар бисёр мавзеъҳои ноҳияи Шаҳристон имконияти сохтмони НОБ-ҳои хурд вуҷуд дорад. Вале татбиқи амалии он ҷалби сармояи дохиливу хориҷиро талаб менамояд.

Инфрасохтори ноҳия дар ҳолати ногувор қарор дорад ва ин омил ба сатҳи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳия таъсири манфӣ мерасонад. Таъмиру таҷдиди роҳҳои мошингарди маҳаллӣ низ, яке аз масъалаҳои ҳаллашон аввалиндараҷа мебошад. Умуман, дар мувозинаи муассисаи давлатии нигаҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳияи Шаҳристон 69,3 км роҳҳои истифодаи умум, аз он ҷумла 14 км роҳи автомобилгарди ағбаи Шаҳристон қарор дорад.

Дар соҳаи алоқа дар ноҳия бахши ҶСК «Тоҷиктелеком» ва намояндагиҳои шабакаҳои мобилии «Тселл», «Вавилон», «Мегафон», «Билайн» фаъолият менамоянд. Дар ҳудуди ноҳия барномаҳои телевизионии Шабакаи аввал, Ҷаҳоннамо, Сафина ва Баҳористон пахш мегарданд. Дар ноҳия аз 1 сентябри соли 1994 то имрӯз рӯзномаи «Чашмаи Шаҳристон» бо теъдоди 621 нусха нашр мешавад.

### 1.6. Биниши ноҳияи Шаҳристон

*Ноҳияи Шаҳристон – маркази муосири коркарди маҳсулоти кишоварзию саноатии аз ҷиҳати экологӣ тоза, дорои инфрасохтори рушдёфтаи сайёҳӣ ва коркарди масолеҳи сохтмон, бо фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкории хурду миёна буда, дар он аҳолии мӯътабару меҳнатдуст ва солим зиндагию фаъолият менамоянд.*

Биниши мазкур дар асоси таҳлили тарафҳои қавӣ ва заифи рушди ноҳияи Шаҳристон, инчунин бо назардошти имкониятҳои беруна ва таҳдидҳо таҳия гаштааст.

*Ҷадвали №9. Таҳлили вазъи умумии ноҳия (SWOT)*

| Тарафҳои қавӣ | Тарафҳои заиф |
|---|---|
| • Мавҷуд будани захираҳои бойи табиӣ, аз ҷумла, канданиҳои фоиданок.<br>• Шароитҳои мусоиди табиию иқлим.<br>• Мавҷуд будани заминҳои шудгоршавандаи ҳосилхез ва дигар заминҳо барои рушди соҳаи кишоварзӣ.<br>• Мавҷуд будани талабот ба маҳсулоти кишоварзӣ дар бозорҳои беруна.<br>• Мавҷуд будани захираҳои меҳнатии озод дар ноҳия.<br>• Вуҷуд доштани ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ.<br>• Халқи меҳнатдӯст.<br>• Гуногунрангии олами набототу ҳайвонот.<br>• Мавҷудияти шароити мусоид барои ҷалби сармоягузорони хориҷӣ ва ватанӣ.<br>• Мавҷудияти литсейи касбии саноатию кишоварзии ноҳия оид ба тайёр намудани мутахассисони кишоварзӣ.<br>• Мавҷудияти ҳоҷагиҳои пуртаҷрибаи деҳқонӣ ва фермерии инфиродӣ<br>• Таҷрибаи кор бо сармоягузорони хориҷӣ<br>• Мавҷуд будани рӯзномаи ноҳиявии «Чашмаи Шаҳристон».<br>• Ҷойгиршавии ноҳия дар назди шоҳроҳи «Душанбе-Чанок». | • Нокифоягии маблағгузорӣ барои ташкили корхонаҳои коркарди захираҳои табиӣ.<br>• Заминаи сусти моддию техникии соҳаи кишоварзӣ ва нокифоягии корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ.<br>• Набудани ҷойҳои кории зарурӣ ва музди меҳнати ночиз.<br>• Дастрас набудани инфрасохтори зарурии аввалиндараҷа.<br>• Ҳолати ногувори роҳҳои маҳаллӣ ва фарсудагии иншоотҳои обтаъминкунии ноҳия.<br>• Субвенсионӣ будани ноҳия.<br>• Мавҷуд набудани нақшаи Генералии ноҳия.<br>• Мавҷуд набудани маркази фарҳангӣ ва фароғатӣ дар ноҳия.<br>• Норасоии обӣ полезӣ ва иншоотҳои обёрӣ.<br>• Набудани обанбор дар ноҳия.<br>• Рушди сусти соҳибкории хурду миёна дар ноҳия.<br>• Дар масофаи дурр ҷойгир будани ноҳия аз роҳи оҳан ва фурудгоҳи байналмиллалӣ.<br>• Нокифоягии потенсиали саноатӣ ва истифодабарии ғайрисамараноки иқтидорҳои мавҷуда.<br>• Фоизи баланди қарзҳо ва кам шудани мӯҳлати ками истифодабарии онҳо.<br>• Кам шудани интиқоли маблағҳо ва нокифоя будани ҷойҳои корӣ, аз ҳисоби баргаштани муҳоҷирони меҳнатӣ. |

| | |
|---|---|
| | • Набудани фишангҳои самараноки дастгирии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ. |
| Имкониятҳо | Хатарҳо |
| • Бунёди корхонаҳои коркарди маъданҳои кӯҳӣ.<br>• Тараққӣ додани соҳаи кишоварзӣ (ташкили бозори дохилӣ ва нуқтаҳои қабули маҳсулоти кишоварзӣ).<br>• Ба роҳ мондани коркарди гиёҳҳои шифобахш.<br>• Рушди соҳибкории хурду миёна ва ташкили ҷойҳои кории нав.<br>• Ҷалб намудани сармоягузорони потенсиалӣ барои амалӣ намудани лоиҳаҳои рушди маҳал (донорҳо, соҳибкоронӣ ватанӣ ва хориҷӣ).<br>• Дастрас намудани қарзҳои хурд.<br>• Ташкил намудани бозор дар шафати шоҳроҳи «Душанбе-Чанок».<br>• Ба истифода супоридани нақби «Шахристон».<br>• Ҷалб намудани сармоя барои рушди сайёҳӣ, истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, бунёди НБО-и хурд, обёрии заминҳои лалмӣ ва коркарди саноатии маъданҳои кӯҳӣ.<br>• Бунёд намудани гармхонаҳо.<br>• Баланд бардоштани савияи идоракунии кормандони мақомоти маҳаллӣ. | • Офатҳои табиӣ (обхезӣ, жола, сел, хушксолӣ, тарма, ярч ва ғайра).<br>• Таъсири манфии бӯҳрони иқтисодӣ ба раванди рушди маҳаллӣ.<br>• Коррупсия.<br>• Эҳтимолияти таҳдиди касалиҳои сирояткунанда. |

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ ВАЗЪ ВА ДУРНАМОИ СОҲАҲО

## 2.1. ИҚТИСОДИЁТ

### 2.1.1. Кишоварзӣ

Кишоварзӣ соҳаи асосии пешбурди иқтисодиёти ноҳияи Шаҳристон мебошад ва дар ҳаёти иқтисодии ноҳия накши аввалиндарачаро мебозад. Дар соҳаи кишоварзӣ қисми асосии аҳолии қобили меҳнат (43%) фаъолият менамоянд ва барои аксарияти мардум кишоварзӣ манбаи ягонаи даромад ба шумор меравад.

Самтҳои асосии кишоварзии ноҳия растанипарварӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ мебошанд.

Дар ноҳияи Шаҳристон 2 хоҷагии давлатӣ, 13 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и ҷамоавӣ ва 455 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)-и инфиродӣ фаъолият менамоянд.

**Истифодаи замин.** Ба 1 январи соли 2010 масоҳати умумии заминҳои кишоварзии ноҳияи Шаҳристон 114263 гектарро ташкил менамояд ва 5,4%-и он заминҳои обӣ мебошанд.

*Диаграммаи 3. Истифодабарии масоҳати умумии заминҳои ноҳия*




Дар соли 2010 аз захираи заминҳои корами дар ноҳия мавҷудбуда, бо назардошти ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, дар майдони 16564 гектар кишти зироатҳо гузаронида шуд, ки ин нисбат ба соли гузашта 149 гектар зиёд мебошад. Аз майдони умумии кишти гузаронидашуда, майдони кишти ғалладонагиҳо 13528 гектар, майдони кишти картошка 894 гектар, майдони кишти сабзавот 155 гектар, майдони кишти зироатҳои равғандеҳ 211 гектар ва майдони кишти зироатҳои хӯроки чорво 1776 гектарро ташкил додааст.

Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ: ғалладонагиҳо 88,4 кг, сабзавот 4,0 кг, картошка 75,2 кг ва шир 13,9 кг-ро ташкил дод.

Дар ҳолати обёрӣ намудани заминҳои бекорхобида, ноҳия метавонад афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро дучанд гардонад.

*Ҷадвали №10. Истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар ноҳияи Шаҳристон*

| | Нишондиҳандаҳо | 2000 | 2005 | 2006 | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ | Ҳазор сомонӣ | 25676 | 42238 | 45315 | 61764 | 84311 | 90.304 |
| | Аз ҷумла: Растанипарварӣ | Ҳазор сомонӣ | 19257 | 32481 | 35198 | 45379 | 59918 | 71000 |
| | Чорводорӣ | Ҳазор сомонӣ | 6419 | 9757 | 10117 | 16385 | 16461 | 19304 |
| 1. | Ғалладонагӣ | Тонна | 14500 | 12737 | 13046 | 10179 | 27150 | 30891 |
| | Замини кишт | Га | 9147 | 10099 | 9926 | 12518 | 11835 | 13528 |
| | Ҳосилнокӣ | Сентнер | 15.8 | 12.6 | 13.1 | 11.2 | 22.9 | 22.8 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 3 | Сабзавот | | 2001 | 2388 | 2923 | 2945 | 3434 | 3566 |
| | Замини кишт | Га | 149 | 136 | 160 | 137 | 150 | 152 |
| | Ҳосилнокӣ | Сентнер | 133 | 175 | 184 | 200.3 | 228 | 234 |
| 4 | Картошка | | 18000 | 18185 | 22804 | 19958 | 20167 | 20379 |
| | Замини кишт | Га | 815 | 748 | 801.4 | 990 | 897 | 894 |
| | Хосилнокӣ | Сентнер | 221 | 236 | 284 | 201 | 225.3 | 227 |
| 5 | Меваҷот | | 313 | 697 | 230 | 1549 | 253 | 255 |
| | Ҳосилнокӣ | Сентнер | 7.3 | 6.05 | 11.2 | 23.3 | 4 | 30 |
| 6 | Хӯроки чорво | | 13447 | 11367 | 14813 | 12818 | 26010 | 36021 |
| | Замини кишт | Га | 38/06 | 4169 | 4822 | 2366 | 2975 | 1776 |
| | Ҳосилнокӣ | Сентнер | 35.3 | 27.2 | 30.7 | 54.1 | 87.4 | 202 |
| Маҳсулотҳои чорводорӣ | | | | | | | | |
| 1 | Гӯшт | Тонна | 709 | 706 | 733 | 750 | 751 | 752 |
| | Шир | Тонна | 5059 | 5070 | 5131 | 5142 | 5188 | 5195 |
| | Тухм | Ҳазор дона | 267.1 | 255 | 572 | 576 | 579 | 580 |
| | Асал | Тонна | - | 10 | 12 | 13 | 13 | 12 |

Азхудкунии заминҳои нав бояд бо назардошти ҳолати геофизикии замин ва бо истифода аз усули террасавӣ ба амал бароварда шаванд. Тибқи талаботҳои муқарраргардидаи агротехникӣ ва ҳифзи муҳити зист заминҳое, ки пастхамиашон аз 20% зиёд мебошанд, бояд азхудкуниашон манъ шавад.

**Растанипарварӣ.** Дар соли 2010 ҳаҷми умумии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои ноҳия 70,4 млн. сомониро ташкил додааст, ки дар қиёс ба нишондиҳандаҳои соли 2009 ба андозаи 4,9 % зиёд мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳаҷми маҳсулоти растанипарварӣ дар солҳои охир тамоили болоравӣ дошта, ҳосилнокӣ аз ҳар гектар замин ба истиснои ҳосили ғалладонагӣ нисбатан зиёд шудааст. Соли 2010 нисбати соли 2009 истеҳсоли ғалладонагӣ 9,9% ва истеҳсоли картошка 13,0% боло рафтааст. Дар ноҳия ҳиссаи хоҷагиҳои хонагие, ки гандум истеҳсол менамоянд 30,1%-ро ташкил медиҳад. Ҳаҷми истеҳсоли ғалла ба ҳар сари аҳолии ноҳия дар соли 2010 -ум 88,4 кг, аз ҷумла гандум 49,0 кг-ро ташкил намуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2009 мутаносибан 7,5 % ва 0,3 % афзоиш ёфтааст.

*Ҷадвали №11. Истеҳсоли маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ*

| № | Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Соли 2007 | Соли 2008 | Соли 2009 | Соли 2010 | Соли 2010 % ба соли 2007 | Соли 2010 % ба соли 2009 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ғалладонагӣ-ҳамагӣ | Тонна | 13000 | 10200 | 27200 | 29830 | 229,5 | 91,1 |
| | ҳосилнокӣ | Сент/ га | 13,1 | 10,8 | 22,9 | 22,5 | 9,4 | - 0,4 |
| 2 | Картошка | Тонна | 22800 | 19900 | 20200 | 18081 | 126,1 | 111,7 |
| | ҳосилнокӣ | Сент/ га | 246 | 200 | 225 | 201 | - 45 | - 24 |

***Картошкапарварӣ.*** Соҳаи картошкапарварӣ барои хоҷагиҳои кишоварзии ноҳия яке аз соҳаҳои даромаднок маҳсуб меёбад ва даромаднокии он солҳои охир аз 17,3% (дар соли 2007) то 28,4% (дар соли 2010) зиёд шудааст.

***Боғдорӣ.*** Яке аз соҳаҳои асосии кишоварзии ноҳия ба ҳисоб рафта, дар бобати таъминоти аҳолӣ бо озуқаворӣ, афзун гардонидани имкониятҳои содиротии ноҳия ва бо кори доимӣ таъмин намудани аҳолӣ, мавқеи хосро ишғол менамояд. Обу ҳавои мусоиди минтақа имконият фароҳам меорад, ки майдони боғот аз ҳисоби ниҳолҳои серҳосил ва интенсивӣ сол аз сол зиёд гардида, талаботи аҳолӣ бо меваҷот пурра таъмин гардад ва қисми зиёди меваҷот содирот карда шавад. Талаботи рӯзафзун ба мева ва масолеҳи сохтмонӣ, бахусус чӯбу тахта (аз ҳисоби шинондани дарахтони бемева) ва шароити мусоиди иқлими ноҳия дар суръат бахшидани ҳалли масъалаҳои иҷтимоию иқтисодии деҳот ҳиссаи худро мегузорад ва ин имкон медиҳад, ки дар оянда соҳаи боғдорӣ дар ноҳия ривоҷ дода шавад.



Шароити иқлимии ноҳияи Шаҳристон барои истеҳсоли мева хело мусоид аст. Дар соли 2010 барои амалӣ гардонидани «Барномаи мақсадноки давлатии рушди соҳаи боғдорӣ ва тадриҷан зиёд намудани истеҳсоли мева, парвариши ниҳолҳои дарахтони мевадиҳанда ва ҳамешасабз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», дар ноҳия зиёда аз 62,4 гектар боғи нав, аз он ҷумла 33,4 гектар боғи меваҳои тухмидор, 5 гектар боғи чормағз, 2 гектар токзор ва 22 гектар боғи дигар намудҳои мева, бунёд карда шуд.

Мушкилии асосии рушди соҳаи боғпарварӣ, ин пеш аз ҳама, барқарор намудани заминаи моддию техникии соҳаи боғпарварӣ мебошад.

Сабаби асосии пастшавии ҳосил, паҳншавии касалиҳои гуногуни замбурӯғӣ ва зиёдшавии миқдори ҳашароти зараррасон мебошад. Давраи авҷи касалиҳо ва инкишофи ҳашароти зараррасон вобаста аз шароити иқлими маҳал ва хусусияти биологии онҳо, ки ба сабзиши дарахтон зарар меоварад, гуногун мегузарад. Бинобар ин дар ин самт лозим аст, ки дар минтақа гурӯҳи махсуси пешгӯӣ оид ба паҳншавӣ ва мубориза бо ҳашаротҳоро ташкил намуда, фаъолияти нуқтаҳои муҳофизати растаниҳо барқарор карда шавад.

**Ҳолати техникаҳои хоҷагиҳои кишоварзӣ**

Мушкилии дигари соҳаи кишоварзӣ, ин ба таври кофӣ таъмин набудани хоҷагиҳо бо техникаи кишоварзӣ мебошад. Аз соли 1991 инҷониб, ба хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Шаҳристон техникаи ҳозирзамон ворид нашудааст.

*Ҷадвали №12. Маълумот оид ба техникаи кишоварзӣ*

| № | Номгӯи тракторҳо | Ҳамагӣ | Омода | %-и омодагӣ |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Тракторҳо | 134 | 80 | 60,0 |
| | аз ҷумла: шудгоркунанда | 32 | 16 | 50,0 |
| | Ғилдиракдор | 102 | 64 | 86,0 |
| 2 | Автомобилҳо | 64 | 32 | 50,0 |
| 3 | Комбайнҳои ғалладарав | 25 | 19 | 76,0 |
| 4 | Ядакҳои тракторӣ | 64 | 39 | 61,0 |
| 5 | Достҳои тракторӣ | 19 | 14 | 74,0 |
| 6 | Алафчамъкунакҳо | 14 | 8 | 57,0 |
| 7 | Тойбандакҳо | 13 | 10 | 77,0 |
| 8 | Тухмипошакҳо | 19 | 8 | 42,0 |
| 9 | Култиваторҳо | 15 | 7 | 46,0 |
| 10 | Сипорҳои тракторӣ | 36 | 28 | 78,0 |

Дар баробари ин, норасогии қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва гаронии нархи онҳо, ба баланд шудани арзиши маҳсулоти кишоварзӣ оварда мерасонад. Бинобар он, хоҷагиҳои деҳқонӣ барои содироти маҳсулот аз ҳудуди ноҳия ҳавасманд нестанд. Қисми зиёди тракторҳо истеҳсоли солҳои 80-и асри гузашта мебошанд ва талаботи имрӯзаро қонеъ намуда наметавонанд, аммо барои харидорӣ намудани техникаи нави ҳозиразамон, хоҷагиҳо имконияти молиявӣ надоранд. Барои ҳалли масъалаи мазкур, дар заминаи хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Шаҳристон ташкил намудани Ассотсиатсияи таъминот бо техникаи кишоварзӣ ба мақсад мувофиқ мебошад.

***Низоми обёрӣ.*** Обёрии заминҳои нав ва беҳтар гардонидани ҳолати мелиоративии онҳо низ, яке аз мушкилиҳои мавҷудаи соҳаи кишоварзӣ буда, ҳалли он дар зиёд намудани ҳаҷми истеҳсолоти кишоварзӣ ва бо ҷои кор таъмин намудани аҳолӣ, аҳамияти хоса дорад.

Дар сурати обёрӣ намудани заминҳои банақшагирифташуда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дучанд гашта, даромаднокии хоҷагиҳо зиёд мегардад ва ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешаванд.

**Чорводорӣ ва парандапарварӣ.** Чорводорӣ дар баробари дигар самтҳои кишоварзӣ, яке аз бахшҳои асосии кишоварзии ноҳия буда, вазни қиёсии он дар маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия 16,8 фоизро ташкил менамояд. Дар соли 2008 хоҷагиҳои кишоварзии ноҳияи Шаҳристон аз ҳисоби чорводорӣ 20,04 млн. сомонӣ маҳсулот истеҳсол намудаанд, ки нисбати соли 2007 - 15,5 фоиз зиёд мебошад.

*Ҷадвали №13. Саршумори умумии ҳайвонот дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ (сар)*

| Нишондиҳандаҳо | Соли 2007 | Соли 2008 | Соли 2009 | Соли 2010 | Соли 2010 нисбат ба соли 2007 бо ҳисоби % |
|---|---|---|---|---|---|
| 1. Чорвои калон | 15500 | 16000 | 16026 | 16041 | 103,5 |
| 2. Бузу гӯсфанд | 32200 | 55900 | 56121 | 56209 | 174,6 |
| 3. Мурғ | 27400 | 29000 | 29125 | 29141 | 106,3 |
| 4. Асп | 764 | 769 | 771 | 773 | 101,1 |

Дар ноҳия 41 фоизи фурӯши чорво ва парранда, тавассути хоҷагиҳои хонагӣ сурат мегирад. Умуман, фурӯши чорвои калони шохдор дар байни хоҷагиҳои хонагии ноҳия паҳнгашта мебошад. Дар ноҳия ба фурӯши чорвои калони шохдор 55,2%-и хоҷагиҳои хонагӣ ва ба фурӯши бузу гӯсфанд мутаносибан 38,7% ва 38,2%-и хоҷагиҳо машғул мебошанд.

Дар солҳои охир соҳаи чорводорӣ барои ноҳия зиёновар гашта, барои аз ин ҳолат баровардани соҳа: зиёд ва ғанӣ гардонидани замини кишти хӯроки чорво, зиёд намудани кишти заминҳои растаниҳои равғандор дар хоҷагиҳо барои хӯроки чорво, барои хушзот намудани чорво ташкил намудани заминаи наслҳои хушзот дар хоҷагиҳои махсусгардонидашуда, таъмин намудани чарогоҳҳои зимистонаю тобистона, зиёд намудани саршумори чорво дар хоҷагиҳое, ки саршуморро кам кардаанд, фароҳам овардани шароити мусоид барои ривоҷи чорводорӣ дар сохтори шахсӣ ва дарёфт намудани чарогоҳҳои иловагӣ барои чорвои майда, зарур мебошад.

Ҳамзамон дар хоҷагиҳои ноҳия ҷиҳати таъмини иҷрои «Барномаи барқаросозӣ ва рушди минбаъдаи соҳаи занбӯрпарварӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» парвариши оилаҳои занбӯри асал ба роҳ монда шудааст ва тибқи он дар солҳои оянда зиёд намудани шумораи оилаҳои занбӯри асал пешбинӣ гардидааст.

**Мушкилиҳои соҳаи кишоварзии ноҳия.** Фарсуда гардидани техникаҳои кишоварзии дар хоҷагиҳои деҳқонӣ мавҷудбуда, набудани заминаи моддию техникӣ ва технологияи муосир, маҳдудияти дастрас намудани қарзҳои камфоиз ва дарозмӯҳлат, бахусус барои рушди соҳаҳои боғдорӣ ва чорводорӣ, мавҷуд набудани обанбор, набудани маблағ барои обёрӣ намудани заминҳо ва тозаю барқарор намудани заҳбуру коллекторҳо ва ҷӯйборҳо, сари вақт таъмин нагардидан бо сӯзишворӣ, заҳрхимикатҳо ва дигар нуриҳои маъданӣ, дастрас набудани тухмии аълосифат, таъмир нагардидани роҳҳои автомобилгарди байни хоҷагиҳо ва ноҳия, васеъ намудани бозори маркази ноҳия ва ташкили бозор дар шафати дар шоҳроҳи «Душанбе-Чаноқ».

*Ҷадвали №14. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи кишоварзии ноҳияи Шаҳристон солҳои 2013-2015. (ҳазор сомонӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ – ҳамагӣ | 110-70 | 118-17 | 121-07 | 121-07 | 123-91 | 111,9 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| Зироаткорӣ | 92-97 | 96-47 | 99-37 | 99-37 | 102-06 | 109,8 |
| Чорводорӣ | 17-73 | 21-70 | 21-70 | 21-70 | 21-85 | 123,2 |

Мувофиқи дурнамо бояд ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти кишоварзии ноҳия то соли 2015 ба 123,9 млн сомонӣ расонида шавад ва ин ҳаҷми афзоиш нисбати нишондиҳандаҳои соли 2011-ум 111,9 фоизро ташкил медиҳад.

*Ҷадвали №15. Ҳосилнокии зироатҳо ва ҳаҷми истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ аз руи намудҳои маҳсулот ва соҳаҳо барои солҳои 2011– 2015 (бо ҳисоби аслӣ)*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ | | | | | | |
| Ғалладона – с/га | 15,7 | 22,8 | 22,9 | 23,0 | 23,5 | 149,7 |
| аз ҷумла гандум – с/га | 15,7 | 22,8 | 22,9 | 23,0 | 23,5 | 149,7 |
| Пахта – с/га | | | | | | |
| Тамоку – с/га | | | | | | |
| Картошка – с/га | 238,0 | 240,0 | 240,0 | 241 | 241 | 101,2 |
| Сабзавот – с/га | 234,0 | 236,0 | 237,0 | 240,0 | 245,0 | 104,7 |
| Шумораи кормандони тиббӣ ( нафар) | 232 | 245 | 245 | 260 | 260 | 112,1 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| духтурон | 43 | 43 | 45 | 47 | 47 | 116,3 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| кормандони миёнаи тиббӣ | 232 | 245 | 245 | 260 | 260 | 112,1 |
| Миқдори ҷой дар хонаҳои кӯдакон (ҷой) | | | | | | |
| Миқдори ҷой дар хонаҳои пиронсолон ва маъюбон (ҷой) | | | | | | |
| Таъминот барои 10 ҳазор аҳолӣ: | | | | | | |
| бо катҳо дар беморхонаҳо (кат) | 47,2 | 47,2 | 46,6 | 46,2 | 46,2 | 97,9 |
| бо духтурон (нафар духтур) | 13 | 14 | 14 | 15 | 15 | 115,3 |
| бо кормандони миёнаи тиббӣ (нафар к.м.т.) | 71 | 71 | 71 | 73 | 73 | 102,8 |
| бо муассисаҳои амбулаторию дармонгоҳӣ (қабул дар як баст) | 150 | 155 | 157 | 158 | 160 | 107,0 |

### 2.2.3. Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ

Соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ аз бахшҳои суғуртаи давлатии иҷтимоӣ, таъминот бо нафақа, шуғл, муҳоҷирати меҳнатӣ, ҳифзи ҳуқуқи оила, расонидани кӯмаки суғуртаи иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои осебпазир ва камбизоат, иборат мебошад.

**Даромаднокии аҳолӣ ва сатҳи бекорӣ.** Дар сохтори даромадҳои аҳолии ноҳияи Шаҳристон, қисми асосиро (88,7%) корҳои доимӣ дар соҳаи кишоварзӣ ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии аҳолии дар ноҳия бақайдгирифташуда, сатҳи бекорӣ 4%-ро ташкил медиҳад. Аммо ин нишондод ҳолати аслии вазъияти бекориро нишон намедиҳад.

*Ҷадвали №31. Сатҳи бекорӣ дар ноҳия дар солҳои 2008-2010*

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | |
|---|---|---|---|
| | 2008 | 2009 | 2010 |
| Аҳолии қобили меҳнат. | 5834 | 6894 | 7515 |
| Бекорони аз қайд гузашта. | 323 (5,5%) | 426 (6,2%) | 300 (4%) |

Барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2010 – 2012 дар асоси «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2012» таҳия гардида, мақсади асосии он, баланд бардоштани сатҳи зиндагии гурӯҳҳои нисбатан осебпазири аҳолӣ, бахусус бекорон мебошад. Дар соли 2010 мувофиқи Барномаи мазкур, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ҳамчун яке аз роҳҳои асосии бо кор таъмин намудани бекорон муайян гардидааст.

Самти асосии сиёсати маҳаллии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон дар бозори меҳнат дар давраи то соли 2013, ин ҷалб ва ҳавасманд намудани муассисаҳои дахлдор ҷиҳати ташкили ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани самаранокӣ ва рушди бозори меҳнат ба ҳисоб меравад.

Дар соли 2010 дар ноҳияи Шаҳристон 405 ҷойи нави корӣ асосан дар соҳаи кишоварзӣ ташкил карда шуд ва қисман шаҳрвандон бо ҷои кори доимӣ таъмин гардиданд.

*Ҷадвали №32. Шумораи нафақахӯрон ва ниёзмандон дар давоми солҳои 2008-2010*

| Номгӯй | 2008 | 2009 | 2010 |
|---|---|---|---|
| Нафақахӯрон | 2691 | 2796 | 2874 |
| Аз он ҷумла, пиронсолон | 1619 | 1623 | 1687 |
| Маъюбон (аз 16-боло) | 355 | 401 | 410 |
| Маъюбони модарзод | 261 | 291 | 302 |
| Кӯдакони маъюб то 16 сола | 104 | 110 | 112 |
| Бесаробомонда | 238 | 242 | 243 |
| Ятимон | 9 | 9 | 7 |
| Дигар категорияҳои нафақахӯрон | 105 | 120 | 113 |

Дар шӯъбаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳия дар соли 2008 2691 нафар нафақахӯрон ба қайд гирифта шуда буданд. Талаботи моҳонаи онҳо ба нафақапулӣ 195636 сомониро ташкил додааст. Дар соли 2009 теъдоди нафақахӯрон 2796 нафарро ташкил дод ва маблағи нафақаи моҳонаи онҳо 199845 сомониро дар бар мегирифт. Дар соли 2010 ҳамагӣ 2874 нафар нафақахӯрон ба қайд гирифта шудаанд ва маблағи моҳонаи нафақаи онҳо 320134 сомониро ташкил додааст.

Дар соли 2010 андозаи миёнаи нафақа нисбати нишондиҳандаҳои соли 2008 ба андозаи 65% афзуда бошад ҳам, андозаи он 111,4 сомониро ташкил додаст.

**Мушкилиҳои асосии соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолии ноҳияи Шаҳристон,** мавҷуд набудани бинои маъмурии шӯъбаи ҳифзи иҷтимоӣ ва таъминоти нокифояи шӯъба бо компютер ва мавҷуд набудани хона-интернати махсус барои ятимон, номутобиқатии корҳои ташкили таъминоти маъюбон, пиронсолон ва кӯдакони дорои имконияти маҳдуд, ба меъёрҳои умумии муқарраргардида мебошад.

**Муҳоҷирати меҳнатӣ.** Гарчанде дар соли 2009 тамоили пастшавии сатҳи муҳоҷират зери таъсири бӯҳрони уммумиҷаҳонии молиявию иқтисодӣ ба қайд гирифта шуда бошад ҳам, дар ноҳияи Шаҳристон сатҳи баланди муҳоҷирати меҳнатӣ ба назар мерасад. Аз тарафи дигар, сатҳи тахассусӣ ва касбии муҳоҷирони меҳнатии ноҳия, хусусан ҷавонон, дар бозори меҳнат рақобатпазир нест.

*Ҷадвали №33. Муҳоҷирати меҳнатии аҳолии қобили меҳнати ноҳия*

| Солҳо | Аҳолии қобили меҳнат | Муҳоҷирони меҳнатӣ | % аз шумораи умумии аҳолии қобили меҳнат |
|---|---|---|---|
| 2008 | 5834 | 969 | 16,6 |
| 2009 | 6894 | 799 | 11,6 |
| 2010 | 7515 | 1156 | 15,4 |

*Ҷадвали №34. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди захираҳои меҳнатӣ дар ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Захираҳои меҳнатӣ | 13686 | 13894 | 14374 | 14448 | 14478 | 105,8 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулбудагон – ҳамагӣ | 5266 | 5371 | 5428 | 5462 | 5462 | 103,7 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| дар истеҳсолоти моддӣ | 3352 | 3456 | 3508 | 5462 | 5462 | 103,7 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Саноат | 29 | 49 | 50 | 55 | 55 | 189,6 |
| Кишоварзӣ | 2096 | 2106 | 2115 | 2120 | 2120 | 101,1 |
| Сохтмон | 41 | 45 | 45 | 48 | 48 | 117,0 |
| Нақлиёту алоқа | 57 | 60 | 60 | 62 | 62 | 108,8 |
| Савдо, хӯроки умумӣ, таъминоти моддию техникӣ | 86 | 90 | 90 | 95 | 95 | 110,5 |
| дигар соҳаҳо | 1043 | 1065 | 1065 | 1070 | 1070 | 102,6 |
| дар соҳаҳои ғайриистеҳсолӣ | 1914 | 1956 | 2003 | 2012 | 2012 | 105,1 |
| Аз шумораи машғулбудагон: | 5266 | 5371 | 5428 | 5462 | 5462 | 103,7 |
| - дар корхонаю ташкилоти бахши давлатӣ | 1909 | 1915 | 1920 | 1932 | 1932 | 101,2 |
| - бахши коллективӣ | 350 | 360 | 360 | 360 | 360 | 102,8 |
| - дар корхонаю ташкилотҳо бо шаклҳои гуногуни моликият | | | | | | |
| - дар бахши хусусӣ (бо назардошти хоҷагии шахсӣ) | 3007 | 3096 | 3148 | 3170 | 3170 | 105,4 |
| Шумораи дар иқтисодиёт машғулнабудагон | 8420 | 8523 | 8946 | 8986 | 9016 | 107,1 |
| Муҳоҷирати меҳнатӣ | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи муҳоҷирони меҳнатие, ки берун аз марзи ҷумҳурӣ ҳиҷрат намуданд (нафар) | 1098 | 1300 | 1380 | 1420 | 1450 | 132 |

### 2.2.4. Фарҳанг ва фароғат

**Инфрасохтори соҳаи фарҳанг ва фароғат.** Ноҳияи Шаҳристон, яке аз мавзеъҳои дорои таърихи кӯҳан буда дар ҷумҳурии соҳибистиқлоламон ноҳияи навбунёд маҳсуб меёбад. Айни ҳол, дар ҳудуди ноҳия 42 адад ёдгориҳои таърихӣ номнавис ва мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар ноҳия 3 хонаи фарҳанг, 5 клуби деҳот, 1 китобхонаи бачагона, 1 китобхонаи марказонидашудаи системавӣ ва 9 филиали он дар деҳаҳо фаъолият менамоянд.

Бинои хонаи фарҳанги ноҳия солҳои 60-уми асри XX ба тариқи ҳашар сохта шуда, айни ҳол дорои 100 ҷойи нишаст мебошад. Бино ва толори он тамоман ба талабот ҷавобгӯй нест. Курсиҳои нишасти тамошобинон низ фарсуда гардида, имконияти дар толор баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангӣ мавҷуд нест. Аз ин рӯ, бисёр чорабиниҳо аз сабаби дар ҳолати ғайриқаноъатбахш қарор доштани толор, дар варзишгоҳ ва дигар ҷойҳои кушоди барои гузаронидани чорабиниҳо махсусгардонидашуда доир мегардад.

Хонаи фарҳанги деҳаҳои Янгиқурғон ва Холдорқипчоқ ва дигар клубу китобхонаҳои дар деҳаҳо ҷойгиршуда ба ба таъмири асосӣ ниёз доранд. Аз ҷониби дигар, норасогии асбобҳои мусиқии миллӣ, мизу курсӣ, рафҳои китобмонӣ ва таъминоти нокифоя бо адабиётҳои тозанашршуда, мушкилиҳои асосии соҳаи мазкур мебошанд.

Дар муассисаҳои фарҳангии ноҳия 35 нафар кормандон фаъолият менамоянд. Норасогии мутахассисони соҳа низ, яке аз мушкилиҳои ҳалталаби соҳа ба ҳисоб меравад.

*Ҷадвали №35. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бахши фарҳанг дар ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Миқдори муассисаҳои оммавӣ – фарҳангӣ (воҳид) | 20 | 21 | 21 | 22 | 22 | 110 |
| Клубҳо | 9 | 9 | 9 | 10 | 10 | 111,1 |
| аз он ҷумла ҷумҳуриявӣ | | | | | | |
| Китобхонаҳои оммавӣ | 11 | 11 | 11 | 11 | 11 | 100 |
| аз он ҷумла ҷумҳуриявӣ | | | | | | |
| Осорхонаҳо | | 1 | 1 | 1 | 1 | - |
| Театрҳо | | | | | | |
| аз он ҷумла театрҳои касбӣ | | | | | | - |
| Мактабҳои мусиқӣ (воҳид) | | | | 1 | 1 | |
| Шумораи хонандагон (нафар) | | | | 17 | 25 | |
| Миқдори кадрҳо (ҳазор нафар) | 35 | 35 | 35 | 38 | 38 | 108,6 |

**Соҳаи сайёҳӣ ва варзиш.** Маблағгузорӣ ба соҳаи сайёҳӣ метавонад, ин соҳаро ба яке аз бахшҳои афзалиятнок ва даромадноки ноҳияи Шаҳристон табдил диҳад.

Бахри иҷроиши қарори Раиси вилояти Суғд № 336 аз 30 декабри соли 2009 «Дар бораи Барномаи рушди туризм дар вилояти Суғд барои солҳои 2010-2014», бо мақсади рушди соҳаи туризм дар ноҳияи Шаҳристон қарори Раиси ноҳияи Шаҳристон таҳти №10 аз 15 январи соли 2010 «Дар бораи Барномаи рушди туризм дар ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2010-2014» тасдиқ гардидааст.

Маблағгузории ин Барномаи давлатӣ аз ҳисоби маблағҳои дар буҷети маҳаллӣ пешбинишуда ва дигар манбаъҳои ғайридавлатӣ муайян карда шуда аст, аммо айни ҳол бо назардошти имкониятҳои маҳдуди буҷети маҳаллӣ, барои рушди соҳаи мазкур ҷудо намудани маблағҳо пешбинӣ нагардидааст.



Омили муҳими рушди сайёҳӣ дар ноҳияи Шаҳристон, ин рушди туризми иҷтимоӣ, аз ҷумла туризми бачагона мебошад.

Теъдоди лагерҳои дар ҳудуди ноҳия ҷойгирбуда 7 адад буда, онҳо дар мувозинаи дигар ноҳияҳои вилояти Суғд қарор доранд. Ба ғайр аз истироҳатгоҳӣ «Чеҳӣ», дигар лагерҳо барои сайёҳони наврас мутобиқ гардида, дар давоми таътили тобистонаи соли 2010 дар онҳо зиёда аз 1200 нафар ҷавонону наврасон истироҳат намуданд.

Дар мавсими тобистон мавзеъҳои зиёратии дар деҳаи Холдорқипчоқ воқеъгардидаи «Туятош-бобо» ва дар деҳаи Қарабчӣ воқеъгардидаи «Қӯтур-бобо» бо ҷалби сарпарастон аз таъмир бароварда шуда, аз тамоми гӯшаву канори вилоят ва берун аз он сайёҳон ба ҷойҳои номбурда барои зиёрат ташриф меоранд.

Аз тарафи сохторҳои дахлдори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон баҳри нигоҳ доштани иншоотҳои таърихию фарҳангӣ, ки дар ҳолати хароб қарор дошта, дар ҳавои кушод ҷойгиранд, чораю тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодааст.

Барои тоза ва обод гардонидани мавзеъҳои истироҳатие, ки дар дараҳои Охтангӣ ва Кенгкӯл ҷойгиранд, аз тарафи масъулини ин соҳа корҳои ободонию бунёдкорӣ ба сомон расонида шудааст.

Айни замон, истироҳати шаҳрвандон дар мавзеъҳои истироҳатӣ тамоман ба танзим дароварда нашудааст. Дар натиҷаи беназоратӣ баъзе мавзеъҳои кӯҳҳо аз таъсири партовҳои сахти маишӣ ифлос шуда истодаанд. Барои ҳалли ин масъалаҳо, ташкил намудани муассисаи махсус ҷиҳати роҳандозии бизнеси сайёҳию экологӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. То ташкил шудани ин муассиса, хуб мешуд агар аз ҳар як шаҳрвандони ба мавзеи истироҳатӣ ташрифоварда маблағи муайян ситонида, он барои ташкили таъмини тозагӣ ва ободонии ин мавзеъҳо равона гардад.

**Мушкилиҳои мавҷудаи соҳа.** Ҳолати ногувори инфрасохтори ноҳия, мавҷуд набудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ (гидҳо ва роҳбаладҳо), тарҷумонҳои забонҳои хориҷӣ, мавҷуд набудани ташкилот ва ширкатҳои сайёҳӣ дар ноҳия, набудани маълумотномаҳои мухталиф аз қабили китобчаҳо, расмҳо ва буклетҳо оид ба мавзеъҳои ҷолиби диққат ва шароитҳои мавҷудаи сайёҳӣ, набудани меҳмонхонаҳо ва дигар иншоотҳои сайёҳӣ, вуҷуд надоштани иншоотҳои ёрирасон дар мавзеъҳои истироҳатӣ, набудани хатсайрҳои (маршрути) сайёҳӣ, дар ҳолати ниҳоят бад қарор доштани инфросохтори соҳаи сайёҳии ноҳия, вуҷуд надоштани боғи фарҳанг ва фароғат дар ноҳия, вуҷуд надоштани интернет кафе дар ноҳия ва мавҷуд набудани осорхонаи таърихию фарҳангӣ дар ноҳия, аз ҷумлаи мушкилиҳое мебошанд, ки ба рушди соҳаи сайёҳӣ монеа гаштаанд.

*Ҷадвали №36. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди бахши сайёҳӣ дар ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2011-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Сайёҳии дохилӣ | | | | | | |
| Шумораи сайёҳон (ҳазор нафар) | - | - | - | - | - | - |
| Маблағҳои воридшавандаи умумӣ аз ҳисоби | - | - | - | - | - | - |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| хизматрасониҳои сайёҳии дохилӣ (млн. сомонӣ) | | | | | | |
| Сайёҳии беруна | | | | | | |
| Шумораи сайёҳон (ҳазор нафар) | - | - | - | - | - | - |
| аз он ҷумла, шумораи туристони воридшаванда (ҳазор нафар) | 1,7 | 1,75 | 1,8 | 1,9 | 2,0 | 117,6 |
| Ҳаҷми умумии маблағҳои воридгаванда аз ҳисоби хизматрасониҳои туризми беруна (сомонӣ) | 188,6 | 200,0 | 210,0 | 215,0 | 220,0 | 117 |

## 2.2.5. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои иҷтимоии ноҳияи Шаҳристон

*Ҷадвали №37*

| Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа, (сомонӣ) | Солҳо | | | | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | |
| **Маориф** | | | | | | | | | |
| Баланд бардоштани сатҳи дониши хонандагон ва ташкили раванди таълим мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ. | 1.Маблаггузорӣ ва таҷдиди заминаи моддию техникии соҳаи маориф. | 1.1.Ташкил намудани шакли нави тарбияи томактаби (оилавӣ, богчаҳои хусусӣ). | 100000 | - | 50000 | 50000 | - | Номуайян | Шумораи кӯдакони ба таълимоти томактаби фарогиршуда (то соли 2016 то 50%). Сатҳи фарогирии кӯдакон бо таълимоти ибтидоӣ ва миёнаи мактабӣ (то соли 2016- 100%). Сатҳи таъминоти муассисаҳои маориф бо кадрҳои педагогӣ (98% то соли 2015). Сатҳи таъминоти заминаи моддию техникии мактабҳо (85% таъмин намудан то соли 2015) |
| | | 1.2.Таъмири асосии мактабҳои ибтидоии деҳаҳои Мукур ва Ишкилӣ. | 180000 | - | 100000 | 80000 | - | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.3.Азнавтаҷҳизонидан ва таҷдиди заминаи таълимии мактабҳои миёна (мебел, таҷҳизот, воситаҳои аёнӣ ва дигар маводҳо) | 250000 | 50000 | 100000 | 50000 | 50000 | Буҷети ҷумҳуриявӣ | |
| | 2. Ҷалб намудани кадрҳои баландихтисос ба соҳаи маориф. | 2.1. Таъминоти мутахассисони ҷавон бо қитъаҳои замин барои сохтмони манзил. | 150000 | - | 100000 | 25000 | 25000 | Номуайян | |
| | | 2.2.Пешниҳоди қарзҳои бонкӣ барои сохтмони манзил ба мутахассисони ҷавон. | 130000 | 30000 | 50000 | 25000 | 25000 | Сармояи хориҷӣ | |
| | 3. Беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори муассисаҳои маориф | 3.1.Дастрас намудани маблаг барои таъмири бинои литсейи кишоварзӣ (агролитсей). | 55000 | 25000 | 30000 | - | - | Номуайян | |
| | | 3.2.Тайёр намудани мутахассисон дар асоси шартномавӣ. | 5000 | - | 5000 | - | - | Номуайян | |
| | | 3.3. Сохтмони мактаби нав дар деҳаи Қулиқӯтан, ҷамоати деҳоти Янгиқӯргон. | 200000 | 50000 | 50000 | 50000 | 50000 | Номуайян | |
| | | 3.4. Сохтмони бинои нави мактаб дар деҳаи Шаҳристон. | 4 500 000 | 1125000 | 1125000 | 1125000 | 1125000 | Номуайян | |

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *3.5. Сохтмони бинои мактаби нав барои 8 синфхона дар деҳаи Кенгқӯл, ҷамоати деҳоти Шаҳристон* | *996 419* | *-* | *332139,6* | *332139,6* | *332139,6* | *Номуайян* | |
| | | *3.6. Сохтмони бинои нави мактаб дар деҳаи Чашмасор, ҷамоати деҳоти Шаҳристон.* | *170000* | *-* | *100000* | *70000* | *-* | *Номуайян* | |
| | | *3.7.Сохтмони толори варзишӣ дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №5-и деҳаи Қаермаи ҷ.Шаҳристон.* | *308500* | *77125* | *77125* | *77125* | *77125* | *Номуайян* | |
| | | *3.8. Таъмири куллии мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №12, деҳаи Қулликқӯтани ҷамоати деҳоти Янгиқӯрғон* | *32386* | *-* | *10795,3* | *10795,3* | *10795,3* | | |
| | | *3.9. Таъмири бинои иловагӣ ва ошхонаи мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №7-и деҳаи Саробии ҷамоати деҳоти Шаҳристон* | *95828* | *23975* | *23975* | *23975* | *23975* | *Номуайян* | |
| | | *3.10. Таъмири кулли мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №11-и деҳаи Урохлии ҷамоати деҳоти Шаҳристон.* | *70000* | *-* | *35000* | *35000* | *-* | | |
| | | *3.11. Таъмири боми мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №2-и деҳаи Холдорқипчоқи, ҷамоати деҳоти Янгиқӯрғон.* | *74689* | *-* | *74689* | *-* | *-* | | |
| | | *3.12. Сохтмони бинои нави дорои 8 синфхона дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумии №8, дар деҳаи Ҷарқӯтани ҷамоати Шаҳристон.* | *980287* | *-* | *326762* | *326762* | *326762* | | |
| | | *Ҳамагӣ дар соҳаи маориф* | *2801690* | *1381100* | *2590486* | *2280797* | *2045797* | | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Тандурустӣ** | | | | | | | | |
| Баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии тандурустӣ. | 1.Беҳтар намудани заминаи моддию техники соҳа. | 1.1. Барқарорсозии беморхонаи табобатии касалиҳои сирояткунанда. | 190000 | - | 100000 | 90000 | - | Сармояи хориҷӣ | То соли 2016 сатҳи касалиҳои сирояткунанда дар ноҳия то 85% паст гардидааст. |
| | | 1.2. Таҷҳизонидани беморхонаҳои ноҳия бо таҷҳизотҳои муосири тиббӣ. | 700000 | - | 200000 | 400000 | 100000 | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Ҳаҷми умумии хароҷотҳои буҷети маҳаллӣ ба соҳаи тандурустӣ то соли 2015 ду маротиба зиёд гардидааст. Шумораи беморон дар байни аҳолии ноҳия то соли 2016 то 65% кам гаштааст. |
| Ба аҳолӣ расонидани хизматрасониҳои сифатноки тиббӣ. | 2.Ҷалб намудани соҳибкорон ва ташкилотҳои донор барои рушди соҳа. | 2.1.Сохтмони бинои Маркази мубориза бар зидди касалии сил. | 200000 | - | 150000 | 50000 | - | Номуайян | Сатҳи фарогирии аҳолӣ бо хизматрасониҳои сифатноки тиббӣ то соли 2016 то 90% афзудааст. |
| | | 2.2.Сохтмони бинои маркази бемориҳои бачагона. | 150000 | - | 100000 | 50000 | - | Номуайян | |
| | | 2.3.Сохтмони бинои беморхонаи касалиҳои сирояткунанда. | 220000 | - | 120000 | 100000 | - | Номуайян | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи тандурустӣ | 1460000 | - | 670000 | 690000 | 100000 | | |
| **Ҳифзи иҷтимоӣ** | | | | | | | | Номуайян | Шумораи аҳолии бо тарзи ҳаёти солим машғулбуда то соли 2016 то 55% афзудааст. Сатҳи камбизоатии аҳолӣ то соли 2016 дар ноҳия ба таври назаррас паст гардидааст. Фарогирии аҳолии ниёзманди ноҳия бо хизматрасониҳои сифатноки иҷтимоӣ то соли 2016 то 50% зиёд гардидааст. |
| Беҳтар намудани сатҳи хизматрасониҳои соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ. | | Сохтмони маркази реабилитатсионӣ барои шахсони имкониятҳои ҷисмониашон маҳдудбуда. | 180000 | - | - | 100000 | 80000 | | |
| | | 1.1.Беҳтар намудани инфрасохтор ва заминаи моддию техники Маркази тарзи ҳаёти солим. | 75000 | - | 75000 | - | - | | |
| | | 1.2.Дастрас намудани воситаҳои молиявӣ барои таъмини маъюбони ноҳия бо воситаҳои зарурӣ, доруворӣ, протезҳо ва аробачаҳои маъюбӣ. | 50000 | - | - | 25000 | 25000 | | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ | 305000 | - | 75000 | 125000 | 105000 | | |

| Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ. | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Беҳтар намудани инфрасохтори соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ. | 1.Барқарорсозии иншоотҳои фарҳангу фароғатии ноҳия. | 1.1.Сохтмони хонаҳои истироҳату фароғат дар дараҳои «Охтангӣ» ва «Кенгкӯл» | 400000 | - | 100000 | 200000 | 100000 | Соҳибкорони маҳаллӣ | Шумораи сайёҳони хориҷию ватании ба ноҳия ташрифоварда то соли 2016 то 2 маротиба зиёд гардидааст . Шумораи ҷойҳои навӣ корӣ дар соҳаи мазкур то соли 2016 - 55 адад афзудааст. Ҳаҷми маблағҳои аз соҳаи мазкур ба буҷет воридшуда ба буҷет то соли 2016 то 1,5 маротиба зиёд гаштааст. Шароити фароғату истироҳатии 6000 нафар шаҳрвандон то соли 2016 беҳтар гардидааст. |
| | | 1.2.Сохтмони қасри фарҳанг барои 400 ҷой дар маркази ноҳия. | 1 000000 | 200 | 250 | 550 | - | Буҷети вилоятӣ | |
| | | 1.3.Таъмири асосии бинои китобхонаи маркази ноҳия. | 31000 | 10000 | 10000 | 11000 | - | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.4.Таъмин намудани хонаи фарҳанг бо асбобҳои мусиқӣ. | 40000 | 12000 | 13000 | 15000 | - | Номуайян | |
| | | 1.5.Сохтмони осорхонаи кишваршиносӣ дар маркази ноҳия. | - | - | - | - | - | Номуайян | |
| | | 1.6.Сохтмони варзишгоҳ дар деҳаи Холдоркипчоқи ҷамоати Янгикургон | 63295 | - | 21098,3 | 21098,3 | 21098,3 | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.7.Таъмири асосии варзишгоҳи маркази ноҳиявии ба номи М. Бобоев. | 220 000 | - | 73333,3 | 73333,3 | 73333,3 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.8.Таъмири варзишгоҳи ҷамоати Янгикургон | 50 000 | - | - | 50000 | - | Номуайян | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаи фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ. | 1534295 | 22200 | 217681,6 | 370981,6 | 194431,6 | | |
| | | Ҳамагӣ дар соҳаҳои иҷтимоӣ | 6100985 | 1403300 | 3553168 | 3466779 | 2445229 | | |
| | | Буҷети ноҳия | 211000 | 10000 | 183333,3 | 164333,3 | 73333,3 | | |
| | | Буҷети вилоят | 1 000000 | 200 | 250 | 550 | - | | |
| | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 950000 | 50000 | 300000 | 450000 | 150000 | | |
| | | Сармояи хориҷӣ | 383295 | 30000 | 171098,3 | 136098,3 | 46098,3 | | |
| | | Маблағҳои аҳолӣ ва соҳибкорон | 474689 | - | 174689 | 200000 | 100000 | | |
| | | Эҳтиёҷот ба маблағ | 3082001 | 1313100 | 2723797,4 | 2515797,4 | 2075797,4 | | |

## 2.3 Инфрасохтор

### 2.3.1. Хоҷагии манзилию коммуналӣ

**Таъминоти бо оби нӯшокӣ.** Дар ҳудуди ноҳияи Шаҳристон барои таъмин, нигоҳубин ва танзими об ба истифодабарандагон Корхонаи Воҳиди Давлатии «Хоҷагии Манзилию Коммуналӣ» фаъолият менамояд.

Дар муассисаи мазкур ҳамагӣ 36 нафар коргарон фаъолият менамоянд ва онҳо асосан ба кабудизоркунӣ, чароғонкунӣ ва тозагии санитарии маркази ноҳия машғул буда, 80%-и маблағгузории иҷроиши корҳо тавассути буҷети маҳаллӣ амалӣ мегардад.

Аз шумораи умумии коргарони корхона 2 нафар дорои маълумоти олӣ, 2 нафар дорои маълумоти миёнаи махсус ва 32 нафар дорои маълумоти миёна мебошанд.

Муассиса танҳо ба муштариёни шаҳраки Шаҳристон хизмат мерасонад. Дар шаҳрак хатти оби нӯшокӣ вуҷуд дорад, вале он талаботи шаҳракро пурра таъмин карда наметавонад. Дар маркази ноҳия об ба истифодабарандагон 3-4 соат дода мешаваду халос.

Аҳолии дигар деҳаҳоим аз тариқи хатҳои оби худҷорӣ ва оби ҷӯйҳову чашмаҳои маҳал истифода мекунанд. Дар сатҳи ҷамоатҳои деҳот ягон корхона таъмири хатҳои обро ба ӯҳда нагирифтааст.

Аз дарозии умумии хатҳои оби нӯшокии (25 км ) дар ноҳия мавҷуда 72,7%-и аҳолии ноҳия истифода мебаранд. Оби нӯшокӣ мувофиқиреҷа тақсимот карда мешавад.

*Ҷадвали №38. Таъминоти аҳолии ҷамоатҳо бо оби нӯшокӣ*

| Ҷамоатҳо | Ҷамоати «Шаҳристон» | Ҷамоати «Янгиқӯрғон» | Мувофиқи ноҳия |
|---|---|---|---|
| Аҳолӣ (нафар) | 19390 | 13590 | 32980 |
| Таъмин | 14467 | 9513 | 23980 |
| Бо фоиз | 75,0 | 70,0 | 72,7 |
| Таъмин нестанд | 4569 | 4077 | 8646 |
| Бо фоиз | 25,0 | 30,0 | 27,3 |

Дар миқёси ноҳия ҳамагӣ 6 хати оби нӯшокӣ (бо дарозии 25 км) мавҷуд мебошад ва манбаи онро обҳои рӯизаминии аз ҳисоби чашмаҳо ба вуҷудомада ташкил медиҳад. Хати оби нӯшокии деҳаҳои Шаҳристон, Янгиқӯрғон, Қарабчӣ, Увоқ, Қаерма ва Ҷарқӯтан аз ҷумлаи он мебошанд. Аксарияти манбаъҳои оби зикргардида, минтақаи муҳофизати санитарӣ надоранд ва ягон сарбанди хатҳои обгузар посбонӣ карда намешаванд.

*Диаграммаи 7. Манбаъҳои таъминоти оби нӯшокии ноҳияи Шаҳристон*




Ба сифати сарчашмаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар ноҳияи Шаҳристон, обҳои зеризаминӣ ва рӯизаминӣ истифода бурда мешаванд. Таъминоти оби нӯшокӣ 15,7% тавассути ҷӯйборҳо ва ҳавзҳо, 39,6% бо воситаи хатҳои оби берун аз хона, 11,5% тавассути оби кашонидашуда, 30,8% аз оби чашмаҳо, 1% тавассути хатҳои оби марказонидашуда ва 1,4% тавассути дигар манбаъҳо амалӣ мегардад.

*Ҷадвали №39. Захира ва истифодабарии оби нӯшокӣ дар ноҳия*

| Сол | Ҳамагӣ истифода-барандагон | Захира | аз он ҷумла: | | Истифодашаванда | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Ҳамагӣ | Рӯи заминӣ | Зери заминӣ | Воқеӣ | Барои хароҷотҳои хоҷагӣ | Барои истеҳсо-лот | Обёрии замин. | Таъминоти хоҷагии қишлоқ | Талафот |
| 2005 | 41 | 19395,6 | 8361 | 11034,6 | 18586,6 | - | - | 17720,5 | 866,1 | 809 |
| 2010 | 47 | 22652,9 | 6090 | 16562,9 | 22211,1 | - | - | 19985,1 | 2226 | 441,8 |

Раванди гирифтани иҷозатнома барои насб намудани пойгоҳҳои обкашӣ дар мавзеъҳое, ки захираҳои кофии об доранд, бояд бо назардошти натиҷаи тадқиқотҳои геологӣ муайян карда шавад, то ин ки аҳолие, ки дар қисмати поён зиндагӣ менамоянд бе захираи об намонанд. Ин омил яке аз сабабҳои асосии беобии аксарияти деҳаҳои ноҳияи Шаҳристон мебошад.

***Ташноб ва санитария.*** Дар ноҳия шабакаи канализатсияи ба ба талабот ҷавобгӯ вуҷуд надорад. Мавқеи географии ҷойгиршавии ноҳия барои ташкил намудани истироҳатгоҳҳо, иншоотҳои сайёҳӣ ва осоишгоҳҳо хеле мусоидат мебошад, вале татбиқи омилҳои зикргардида ба ҷамъшавии ҳаҷми зиёди партовҳои сахти маишӣ оварда мерасонад ва барои ҳаллу фасли он бояд чораҳои зарурӣ андешида шавад.

Дар Муассисаи «Хоҷагии Манзилию Коммунали»-и ноҳияи Шаҳристон ҳамагӣ дорои 1 адад автомашинаи тамғаи ГАЗ-53 ва 2 адад трактори тамғаи Т28Х4 мебошад. Мавҷуд набудани техникаи коммуналии муосир сифати хизматрасониро паст менамояд. Барои баланд бардоштани сифати хизматрасонии муассиса, аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз намудани муассисаи мазкур маблағҳои зарурӣ мавҷуд нест. Барои харидорӣ намудани 1 адад автомашинаи махсуси партовкашон, автомашинаи махсуси «гидрорукав», автомашинаи обпошдиҳанда, автомашинаи боркаш ва 1 адад трактори ЮМЗ «МАЛЮТКА» тақрибан 600 ҳазор сомонӣ маблағ зарур мебошад. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати ҳалли масъалаи харидорӣ намудани техникаҳои дар боло зикргардида, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро зарур аст, ки лоиҳаи инвеститсионӣ таҳия намуда, ба ташкилоту созмонҳои байналмилалие, ки дар ин самт фаъолият менамоянд бо мақсади ҷалби сармояи хориҷӣ пешниҳод намояд ва бо онҳо ҳаммкорӣ намояд.

Мушкилии дигари бахши мазкур он аст, ки дар ноҳия ягон ҳаммом фаъолият намекунад.

*Ҷадвали №40. Ҳаҷми умумии партовҳо*

| Ноҳия | 2006 | | | | 2010 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла | | | Ҳамагӣ | Аз он ҷумла | |
| | | Инфрасохтор | Аҳолӣ | Корхонаҳо | | Инфрасохтор | корхонаҳо |
| Шаҳристон | 623 | 478 | Муайян нест | 145 | 1444 | 1038 | 406 |

Дар ноҳия ҳаҷми зиёди партовҳоро партовҳои сахти маишӣ ташкил менамоянд. Дар айни ҳол, дар ҷамоатҳои ноҳия ҷамъ карда баровардан ва безарар намудани партовҳои мазкур мушкил шудааст. Муассисаи коммуналии ноҳия, ки бевосита ба ин корҳо мутасаддӣ мебошад, иқтидори дар сатҳи ҷамоатҳо ҳал намудани ин мушкилиро надорад. Барои ҳалли ин масъалаҳо пешниҳод карда мешавад, ки дар ҳудуди ҷамоатҳои ноҳияи Шаҳристон барои ташкил намудани партовгоҳ қитъаҳои алоҳидаи замин ҷудо карда шуда, ҷиҳати ташкил намудани муассисаҳои коммуналии хусусӣ ё давлатӣ ва дар соҳаи мазкур ба хизматрасонӣ машғул гардани онҳо, мусоидат намудан зарур аст.

**Мушкилиҳои соҳа.** Мавҷуд набудани хати оби нӯшокӣ дар баъзе деҳаҳои ноҳия, дар тавозуни ҷамоатҳо қарор надоштани хатҳои обгузар ва масъалаҳои вобаста ба таъмири онҳо, минтақаи муҳофизати санитарӣ надоштани аксарияти хатҳои оби нӯшокии деҳаҳо, норасогии техника ва фарсуда шудани воситаҳои техникии Муассисаи «Хоҷагии манзилию коммуналӣ»-и ноҳияи Шаҳристон.

**2.3.2. Баркрасонӣ**

Шабакаҳои барқии ноҳияи Шаҳристон ба шабакаҳои барқи шаҳри Истаравшан шомил буда, аз соли 1963 инҷониб фаъолият дорад. Дар айни замон, теъдоди кормандони он 42 нафар буда, аз ин шумора 4 нафарашон кормандони муҳандисӣ-техникӣ мебошанд. Шабакаи барқии мазкур ба муштариёни ноҳияи Шаҳристон ва қисман ба муштариёни ноҳияи Истаравшан хизмат мерасонад.

Дар мувозинаи шабакаи номбурда 105 зеристгоҳи барқии шиддаташ 10 кВт, бо иқтидори умумии 13 ҳазор кВт қарор дорад. Дарозии умумии хатҳои барқии шиддатнокиашон 10кВт - 233км, дарозии хатҳои барқии шиддатнокиашон 0,4 кВт - 33км буда, 100%-и аҳолии ноҳияро бо нерӯи барқ таъмин менамояд.

Аз ҷониби муштариён дар соли 2010 ба миқдори 26,2 ҳазор кВт/соат барқ истифода шудааст. Ҳамзамон, дар давраи мазкур ба миқдори 25,7 ҳазор кВт. соат қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки нисбати соли гузашта ба маблағи 813,1 сомонӣ зиёд мебошад, аз ҷумла, ба аҳолӣ ба миқдори 12,3 ҳазор кВт/соат қувваи барқ фурӯхта шудааст, ки он нисбати соли гузашта101,6% зиёд мебошад.

**Газтаъминкунӣ.** Бо сабаби дар ноҳияи Шаҳристон мавҷуд набудани хати интиқоли гази табиӣ, аҳолии ноҳия аз қувваи барқ аз меъёр зиёд истифода мебаранд ва дар натиҷа ин ҳолат ба корношоям гардидани трансформаторҳо, хатҳои барқӣ ва шабакаҳои тақсимотӣ оварда мерасонад. Ин вазъият аксар фасли тирамоҳу зимистон ба вуқӯъ меояд. Нархҳои гарони ҳезуму ангиштсанг, барои аҳолии ноҳия дастнорас мебошанд. Дар натиҷа, аҳолӣ ба буридан ва решакан намудани дарахтони нодири ҷангалзорҳо даст мезананд ва ба раванди муқаррарии мувозинати табиат ва муҳити зист зарари зиёди барқарорнашаванда мерасонанд.

**2.3.3. Нақлиёт, алоқа ва роҳ**

Барои ноҳияи Шаҳристон роҳи мошингард воситаи асосии ҳамлу нақли бору маҳсулот ва мусофиркашонӣ буда, тавассути он рушди робитаҳои дохилию берунии иқтисодии ноҳия амалӣ мегарданд.

Робитаи ноҳия бо пойтахти ҷумҳурӣ ва маркази вилояти Суғд ба воситаи шоҳроҳи Душанбе-Айни-Шаҳристон-Хуҷанд-Чаноқ сурат мегирад.

Инчунин, дар ноҳия роҳҳои аҳамияти маҳаллидоштаи Шаҳристон-Увоқ, Шаҳристон-Янгиқӯрғон, Шаҳристон-Холдорқипчоқ, Шаҳристон-Кенгкӯли Боло, Шаҳристон-Чашмасор, Шаҳристон-Ҷарқӯтан ва Шаҳристон-Мукур-Ишқилӣ мавҷуд мебошад, ки дарозии умумии онҳо 69,3 км-ро ташкил медиҳанд.



Дар бахши хизматрасонии нақлиётии ноҳия шабакаи роҳҳои маҳаллӣ нақши муҳим мебозанд. Дар байни хоҷагиҳои ноҳия ягон хатсайр фаъолият наменамояд ва ҳангоми аз маҳал ба маҳал ва ба маркази ноҳия рафтуомад намудан, мушкилоти зиёдеро ба вуҷуд меорад.

Айни ҳол, соҳаи нақлиёти истифодаи умум дар ноҳия фаъолият наменамояд ва мусофиркашонӣ аз тариқи мошинҳои шахсӣ амалӣ мегардад, аммо имрӯзаи талаботи аҳолиро қонеъ намегардонад. Боркашонӣ дар ноҳия пурра аз ҷониби соҳибкорон ва нақлиётҳои шахсӣ амалӣ мешавад.

Дар ноҳияи Шаҳристон Муассисаи давлатии нигоҳдории роҳҳои автомобилгарди маҳаллӣ фаъолият менамояд. Муассисаи мазкур тобеи Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар он 36 нафар коргарон ба фаъолияти роҳсозӣ машғул мебошанд. Муассисаи мазкур дорои 18 адад техника ва таҷҳизоти роҳсозӣ мебошад. Аз шумораи умумии техникаҳои муассисаи номбурда 11 адади он коршоям буда, техникаҳои боқимонда бинобар сабаби мавҷуд набудани қисмҳои эҳтиётӣ, аксар вақт кор намекунанд.

Дар мувозинаи Муассисаи давлатии нигаҳдории роҳҳои автомобилгарди ноҳия 69,3 километр роҳҳои истифодаи умум қарор доранд, ки чун роҳҳои маҳаллӣ ҳисобида мешаванд. Умуман ҳолати техникии роҳҳои ноҳияи Шаҳристон ба меъёрҳои роҳсозӣ ҷавобгӯ нестанд ва аз соли 1993 то ба имрӯз ягон маротиба таъмир нагардидаанд.

Роҳҳои автомобигарди ноҳия аз рӯи намуди фарш:

- фарши асфалту бетон – 1,7 км,
- фарши такмилёфтаи роҳ – 57,6 км,
- сангфарш – 10,0 км.

Инчунин, дар ҳудуди ноҳия 3 адад пул ва 136 адад (эҳтиёҷот 60 адад) қубурҳои обгузар мавҷуд мебошад. Аз 3 адад пулҳои мавҷудаи ноҳия, дар 1 адади он таъмири асосӣ гузаронида шуда, 2 пули дигар бояд азнавсозӣ карда шаванд.

Ҳолати воқеии роҳҳо ва пулҳои ноҳия бинобар солҳои тӯлонӣ аз сабаби норасогии маблағгузорӣ таъмир нагаштан, хело фарсуда шуда, ба сохтмон ва азнавбарқарорсозӣ эҳтиёҷ доранд.

Дар аксарияти маҳалҳои аҳолинишин ва заминҳои корами обӣ дар канори роҳҳо қубурҳои обгузар шинонида нашудааст ва об ба сатҳи роҳ баромада, сабаби вайроншавии пеш аз мӯҳлати роҳҳо мегардад.

Барои нигоҳдорӣ ва таъмири роҳҳои мошингарди ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2011-2013 тақрибан 59,5 млн сомонӣ маблағ зарур аст, аммо ин миқдор маблағро аз ҳисоби буҷаи маҳалӣ дастраси муассисаи роҳсозии ноҳия гардонидан аз имкон берун мебошад.

*Ҷадвали №41. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи нақлиёт дар ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 . бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ҳаҷми боркашонӣ – хамагӣ (ҳазор тонна) | 6,1 | 6,2 | 6,3 | 6,4 | 6,4 | 104,9 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| - бо нақлиёти роҳи оҳан | | | | | | |
| - бо нақлиёти ҳавоӣ | | | | | | |
| - бо нақлиёти автомобилӣ ҳамагӣ | 6,1 | 6,2 | 6,3 | 6,4 | 6,4 | 104,9 |
| аз он - боркашонии байналхалқӣ | | | | | | |
| Гардиши бор – ҳамагӣ (млн.т/км) | 0,112 | 0,113 | 0,113 | 0,114 | 0,114 | 101,8 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| - бо нақлиёти роҳи оҳан | | | | | | |
| - бо нақлиёти ҳавоӣ | | | | | | |
| - бо нақлиёти автомобилӣ – ҳамагӣ | 0,112 | 0,113 | 0,113 | 0,114 | 0,114 | 101,8 |
| аз он - боркашонии байналхалқӣ | | | | | | |
| Мусофиркашонӣ – ҳамагӣ (ҳазор мусофир) | 46,3 | 46,4 | 46,7 | 46,8 | 46,8 | 101,1 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| - бо нақлиёти роҳи оҳан | | | | | | |
| - бо нақлиёти ҳавоӣ | | | | | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| - бо нақлиёти автомобилӣ – ҳамагӣ | 0,112 | 0,113 | 0,113 | 0,114 | 0,114 | 101,8 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| - мусофиркашонии байналхалқӣ | | | | | | |
| Бо нақлиёти барқӣ - троллейбусҳо | | | | | | |
| Гардиши мусофирон - ҳамагӣ (млн. мусс/км) | 15,4 | 15,5 | 15,6 | 15,8 | 15,8 | 102,6 |
| аз он ҷумла: | | | | | | |
| - бо нақлиёти роҳи оҳан | | | | | | |
| - бо нақлиёти ҳавоӣ | | | | | | |
| - бо нақлиёти автомобилӣ – ҳамагӣ | 15,4 | 15,5 | 15,6 | 15,8 | 15,8 | 102,6 |
| аз он – мусофиргардиши байналхалқӣ | | | | | | |
| Бо нақлиёти барқӣ - троллейбусҳо | | | | | | |

*Ҷадвали №42. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи хоҷагии роҳ дар ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Дарозии умумии роҳҳои автомобилгард – ҳамагӣ (км) | 69,3 | 130,5 | 130,5 | 130,5 | 130,5 | 188,3 |
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | 1,7 | 6,7 | 6,7 | 6,7 | 6,7 | 3,9 мар |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | 67,6 | 123,8 | 123,8 | 123,8 | 123,8 | 183,1 |
| Аз дарозии умумии роҳҳо: | | | | | | |
| Роҳҳои истифодаи умум – ҳамагӣ (км) | 69,3 | 130,5 | 130,5 | 130,5 | 130,5 | 188,3 |
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | 1,7 | 6,7 | 6,7 | 6,7 | 6,7 | 3,9 мар |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | 67,6 | 123,8 | 123,8 | 123,8 | 123,8 | 183,1 |
| Роҳҳои истифодаи ғайриумум – ҳамагӣ (км) | | | | | | |
| аз он ҷумла: бо болопӯши сахт | | | | | | |
| аз онҳо: бо болопӯши мукаммал | | | | | | |
| Роҳҳо аз рӯи аҳамияташон: (км) | | | | | | |
| Ҷумҳуриявӣ | | | | | | |
| Маҳаллӣ | 69,3 | 130,5 | 130,5 | 130,5 | 130,5 | 188,3 |

**Алоқа ва фазои иттилоотӣ.** Дар бахши хизматрасонии алоқа ба муштариёни ноҳияи Шаҳристон аз соли 1996 инҷониб Филиали Ҷамъияти Саҳомии Кушодаи (ФҶСК) «Тоҷиктелеком» хизмат мерасонад. Дар он 17 нафар мутахассисон бо кор машғуланд ва аз онҳо 6 нафарашон занҳо мебошанд.

Бинои ФҶСК «Тоҷиктелеком» дар маркази ноҳия, дар деҳаи Шаҳристон воқеъ буда, аз соли 2005 инҷониб бо шабакаи рақамии намуди ZTE таъмин гардида, бо 504 нуқтаи телефонии муштариён бо пуррагӣ пайваст мебошад ва айни ҳол самаранок фаъолият бурда истодааст.

Ба аҳолии ноҳия ба тариқи интернет, алоқаи байнишаҳрӣ, байналмиллӣ, маҳаллӣ, телеграф, Интернет ва IP- телефония хизмат расонида мешавад.

Инчунин, аҳолии ноҳия айни замон аз хизматрасонии операторони мобилии шабакаҳои «TCell», «Вавилон», «Мегафон» ва «Билайн» бархурдор мебошанд.

Дар ҳудуди ноҳия 4 барномаи телевизионии ТВТ пурра пахш карда мешаванд.

Инчунин, аз 1 сентябри соли 1994 инҷониб, дар ноҳия рузномаи «Чашмаи Шаҳристон» бо теъдоди 621 дона нашр гардида истодааст.

*Ҷадвали №43. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи алоқа дар ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Дарозии каналҳои телефонии байнишаҳрӣ ( канал/км) | 32,8 | 33,0 | 33,2 | 33,5 | 33,5 | 102,1 |
| Шумораи истгоҳҳои телефонӣ (адад) | 2 | 2 | 3 | 3 | 3 | 150 |
| Ғунҷоиши истгоҳҳои телефонӣ (ҳаз. рақам ) | 0,5 | 0,54 | 0,62 | 0,64 | 0,65 | 130 |
| Шумораи дастгоҳҳои телефонҳои асосӣ (ҳаз. адад) | 0,5 | 0,52 | 0,52 | 0,53 | 0,53 | 106 |
| Шумораи истифодабарандагони алоқаи сотӣ (ҳаз. мушт.) | | | | | | |
| Шумораи истифодабарандагони шабакаи «Интернет» (ҳаз. муштарӣ) | 41 | 52 | 70 | 100 | 120 | 150 |
| Даромад аз фаъолияти асосии соҳаи алоқа (ҳазор сомонӣ) | 24,0 | 25,0 | 25,3 | 26,0 | 26,5 | 110,4 |
| Ҳаҷми хизматрасонии алоқа ба аҳолӣ (ҳазор сомонӣ) | 31,0 | 31,5 | 32,5 | 34,0 | 35,0 | 112,9 |

## 2.3.4. Стратегия ва вазифаҳои соҳаҳои инфрасохтори ноҳияи Шаҳристон

*Ҷадвали №44*

| Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа (сомонӣ) | Солҳо 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Обтаъминкунӣ ва канализатсия.** | | | | | | | | |
| Беҳтар намудани ҳолати дастрасии аҳолӣ ба оби тозаи нӯшокӣ. | 1.Сохтмони хатҳои нави оби нӯшокӣ ва таъмири хатҳои мавҷудаи оби нӯшокӣ ва полезӣ. | 1.1.Таъмири хати оби нӯшокии деҳаи Кенгкӯли ҷамоати деҳоти Шаҳристон | 295900 | 73975 | 73975 | 73975 | 73975 | Шумораи аҳолии бо оби тозаи нӯшокӣ таъмингардида то соли 2016 ба 85% расонида шудааст. Дарозии хатҳои нави обтаъминкунии сохташуда то соли 2016 ба 46 км расонида шуд. Теъдоди аҳолии бо оби нӯшокӣ таъмингардида то соли 2016 ба 80% расонида шудааст. Шумораи АИО-и таъсисдодашуда то соли 2016 ба 5 адад расонида шудааст. |
| | | 1.2.Таъминоти аҳолии деҳаи Холдорқипчоқи ҷамоати деҳоти Янгиқургон бо оби нӯшокӣ. | 223900 | 55975 | 55975 | 55975 | 55975 | |
| | | 1.3.Таъминоти аҳолии деҳаи Увокҳи ҷамоати деҳоти Янгиқӯргон | 474700 | 118675 | 118675 | 118675 | 118675 | |
| | 2. Беҳтар намудани идоракунии системаи обтаъминкунӣ. | 2.1.Таҳияи лоиҳаҳои обтаминкунӣ дар маҳаллаҳои деҳаи Шаҳристони боло ва поён, Ҷарқӯтан, мавзеҳҳои навташкили «Боғи Қозӣ» ва «Сариинҷос» | 50000 | 20000 | 30000 | - | - | |
| | | 2.2.Иваз ва барқарор намудани таҷҳизотҳои фарсудаи чоҳҳои амудии деҳаҳои ноҳия. | 200000 | 50000 | 100000 | 100000 | 50000 | Шумораи беморони гирифтори касалиҳои сироятӣ то соли 2016 то 90% камтар шудааст. Ҳолати бехатарӣ ва санитарию гигиении муҳити зист то соли 2016 то 65% беҳтар гардидааст. |
| | | 2.3. Арзёбии ҳолат ва сохтмони деворҳои иҳотавии бехатарии мавзеъҳои санитарии нуқтаҳои обтаъминкунӣ ва мавзеъҳои обгузар. | 10000 | 5000 | 5000 | - | - | |
| | | 2.4.Ташкили асосиатсияҳои истифодабарандагони об. | 50000 | 12500 | 12500 | 12500 | 12500 | Дарозии хатҳои нави канализатсионии дар ноҳия сохташуда то соли 20163 то 4 км расонида шудааст. |
| Беҳтар намудани сифати пешниҳоди хизматрасониҳои соҳаи тандурустӣ дар ноҳияи Шаҳристон. | 3.Пешгирии бемориҳои сироят-кунанда, солимгардонии муҳити зист ва беҳтар намудани ҳолати санитарию | 3.1.Сохтмони хатти ташноб дар (канализатсияи) маркази ноҳияи Шаҳристон. | 300000 | 75000 | 75000 | 75000 | 75000 | |
| | | 3.2.Сохтмони хатҳои пайвастшавии биноҳои | 150000 | - | 50000 | 50000 | 50000 | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | *гигиении ноҳия.* | *истиқоматӣ, беморхона, иншоотҳои хизматрасонӣ ва савдо ба хатти ташноб (канализатсия)* | | | | | | *Ҳаҷми партовҳои баровардашуда ва коркардшуда то соли 2016 то 85% расонида шуд.* |
| | | *3.3.Ба истифода додани ҳамоми деҳаи Шаҳристон ва барқарор кардани хаттҳои обгузар ва партовҳо.* | *250000* | *62500* | *62500* | *62500* | *62500* | |
| | | *3.4.Харидории техникаи махсуси коммуналӣ барои кашонидани партовҳо.* | *250000* | *62500* | *62500* | *62500* | *62500* | |
| | | *3.5.Ҷудо намудани замин барои партовгоҳҳо ва бо панҷара иҳота намудани гирди онҳо.* | *20000* | *5000* | *5000* | *5000* | *5000* | |
| | | *Ҷамъ дар бахши обтаъминкунӣ ва ташноб* | *2274500* | *541125* | *651125* | *616125* | *566125* | |
| | | ***Барқтаъминкунӣ*** | | | | | | |
| *Беҳтар намудани сифати пешниҳоди хизматрасониҳои соҳа* | *1. Истифодаи роҳҳои алтернативии истеҳсол ва таъминоти барқ* | *1.1.Сохтмони НБО-и хурди Шаҳристон -1 бо иқтидори 200 квт* | *1200000* | *300000* | *300000* | *300000* | *300000* | *Ҳаҷми иқтидорҳои ба истифода додашуда то соли 2016 ба 240 кВт расонида шудааст. Дарозии хатҳои барқии нави баистифодадодашуда то соли 2016 ба 10 км расонида шудааст.* |
| | *2.Беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори соҳа* | *2.1.Сохтмони НБО хурди Шаҳристон-2 бо иқтидори 40 квт* | *220000* | *55000* | *55000* | *55000* | *55000* | |
| | | *2.2.Бунёди 8 км хатти барқи шиддатнокиаш 1кВт аз маркази деҳаи Холдорқипчоқ то мавзеи «Чӯл»-и хоҷагии деҳқонии (фермери)-и «Холдорқипчоқ» бо мақсади ба кор андохтани пойгоҳи обкашӣ ва таъмин намудан бо оби полезӣ.* | *301618,0* | *75404,5* | *75404,5* | *75404,5* | *75404,5* | |
| | | *2.3.Гузаронидани хатти барқи озод ба дидбонгоҳи сарҳадии деҳаи Увоқ.* | *407968,0* | *101992* | *101992* | *101992* | *101992* | |
| | | *Ҷамъ дар соҳаи барқтаъминкунӣ* | *2129586* | *532396,5* | *532396,5* | *532396,5* | *532396,5* | |
| | | | | | | | | |

| Нақлиёт ва роҳҳо | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| *Баланд намудани сатҳи хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт ва роҳ* | *1.Беҳтар намудани ҳолати инфрасохтори соҳа* | *1.1.Сохтмони кӯпруки нав дар деҳаи Ҷаркӯтани ҷамоати деҳоти Шаҳристон* | *181000* | *45250* | *45250* | *45250* | *45250* | *Дарозии умумии роҳҳои автомобилгарди таъмиру барқароргардида то соли 2016 ба 32 км расонида шудааст.*<br><br>*Шумораи пулҳои таъмир ва барқароргардида то соли 2016 ба 4 адад расидааст.* |
| | | *1.2.Сохтмони кӯпруки нав дар деҳаи Қаермаи ҷамоати деҳоти Шаҳристон* | *467000* | *116750* | *116750* | *116750* | *116750* | |
| | | *1.3.Таъмири 5,4 км роҳи автомобилгарди ҷамоати деҳоти Шаҳристон* | *250000* | *62500* | *62500* | *62500* | *62500* | |
| | | *1.4.Таъмири пули байни деҳаҳои Шаҳристон ва Холдорқипчоқ* | *94200* | *23550* | *23550* | *23550* | *23550* | |
| | | *1.5.Таъмири роҳи марказии ноҳия бо дарозии 5 км.* | *8000000* | *2000000* | *2000000* | *2000000* | *2000000* | |
| | | *1.6.Таъмири роҳи даромади деҳаи Чашмасор, бо дарозии 2,9 км* | *2300000* | *575000* | *575000* | *575000* | *575000* | |
| | | *1.7.Таъмири роҳҳои деҳаи Кенгкули Боло, бо дарозии 17,1 км* | *137000* | *34250* | *34250* | *34250* | *34250* | |
| | | *1.8. Сохтмону барқарорсозии роҳи даромадгоҳи деҳаи Қаерма, бо дарозии 0,5 км* | *400000* | *100000* | *100000* | *100000* | *100000* | |
| | | *1.9.Таъмири р/а деҳаи Ҷаркутан, бо дарозии 1,1км* | *900000* | *225000* | *225000* | *225000* | *225000* | |
| | | *1.10.Таъмири р/а Шахристон-Янгикургон, ба масофаи 2,0км* | *1600000* | *400000* | *400000* | *400000* | *400000* | |
| | | *1.11.Таъмири р/а Шахристон-Сароби-Холдоркипчок, ба масофаи 14,1 км.* | *1130000* | *282500* | *282500* | *282500* | *282500* | |
| | | *1.12.Таъмири роҳи даромадгоҳи деҳаи Қаерма, бо дарозии 0,5 км* | *400000* | *100000* | *100000* | *100000* | *100000* | |
| | | *1.13.Таъмири р/а деҳаи Сароби, ба масофаи 1,7 км* | *1400000* | *350000* | *350000* | *350000* | *350000* | |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | *1.14.Таъмири р/а Шахристон-Увок, ба масофаи 10,9 км* | *8700000* | *-* | *2900000* | *2900000* | *2900000* | |
| | | *1.15.Таъмири р/а Айни – Шахристон (агба), ба масофаи 14,0 км* | *1120000* | *280000* | *280000* | *280000* | *280000* | |
| | | *Ҳамагӣ дар соҳаи нақлиёт* | *27079200* | *4594800* | *7494800* | *7494800* | *7494800* | |
| | | *Ҳамагӣ дар соҳаҳои инфрасохтор* | *31483286* | *5668322* | *8678322* | *8643322* | *8593322* | |
| | | *Буҷети ноҳия* | *250000* | *62500* | *62500* | *62500* | *62500* | |
| | | *Буҷети вилоят* | *1120000* | *280000* | *280000* | *280000* | *280000* | |
| | | *Буҷети ҷумҳуриявӣ* | *709586* | *177396,5* | *177396,5* | *177396,5* | *177396,5* | |
| | | *Сармояи хориҷӣ* | *2730000* | *682500* | *682500* | *682500* | *682500* | |
| | | *Маблагҳои аҳолӣ ва соҳибкорон* | *220000* | *55000* | *55000* | *55000* | *55000* | |
| | | *Эҳтиёҷот ба маблаг* | *26453700* | *4410925* | *7420925* | *7385925* | *7335925* | |

## 2.4. Бехатарии муҳити зист
### 2.4.1. Ҳолатҳои фавқулодда

Дар давраи солҳои 2007-2010 дар ноҳияи Шаҳристон 7 ҳолати фавқулодда, аз ҷумла 6 ҳодисаи сел ва 1 ҳодисаи заминҷунбӣ ба қайд гирифта шудааст. Офатҳои табиӣ ба иқтисодиёти ноҳияи Шаҳристон ба маблағи 3160,0 ҳазор сомонӣ хисорот ворид сохтаанд, ки он 16,7 фоизи буҷети умумии чорсолаи ноҳияро ташкил медиҳад. Дар ҷадвали пешниҳодшаванда таносуби маблағҳои зарари ба буҷет расонидашуда, аз ҷумла таносуби фоизии онҳо нишон дода шудааст.

*Ҷадвали №45. Таносуби буҷети ноҳия ва ҳисорот аз ҳолатҳои фавқуллода*

| Нишондиҳандаҳои буҷет | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Даромад (сомонӣ) | 2988.0 | 4241.0 | 5569.0 | 6124.0 | 18922.0 |
| Хароҷот (сомонӣ) | 2976.0 | 3979.0 | 5129.0 | 6039.0 | 18123.0 |
| Зарар (бо сомонӣ) | 1021,7 | 531,0 | 1114,0 | 493,3 | 3160,0 |
| Зарар (бо фоиз) | 34.2 | 12.5 | 20.0 | 8.0 | 16.7 |

Ҳудуди ноҳияи Шаҳристон қариб саросар ба ҷараёнҳои хавфнок пайваста дучор мегардад. Ба заминҳои ҳарду ҷамоатҳои дар ноҳия (12 деҳа) мавҷудбуда, хавфи ҷараёнҳои хавфноки табии таҳдид менамояд.

Дар 12 деҳа 4 намуди ҷараёнҳои хавфнок ба амал меоянд. Намудҳои асосии ҷараёнҳои хавфнок инҳоянд: селҳо, сангфароиҳо, заминҷунбӣ ва тармаҳо.

Дар он деҳоти ноҳия, ки дар қаламрави онҳо минтақаҳои хавфнок ҷойгиранд, 25206 нафар аҳолӣ зиндагӣ мекунанд, ки ин 76.4% шумораи умумии аҳолии ноҳияро ташкил медиҳад. Ба ҳолатҳои боришоти барфи зиёд ва сардиҳои шадид тамоми қаламрави ноҳия мувоҷеҳ мебошанд.

Дар ҷадвали зерин номгӯи таҳдидҳо барои ҳар кадоме аз деҳаҳо пешниҳод мешавад.

*Ҷадвали №46. Номгӯи офатҳои табиие, ки ба мавзеъҳои аҳолинишин таҳдид менамоянд*

| Ҷамоат | Деҳа | Навъи ҷараёни таҳдидкунанда | Ҷамоат | Деҳа | Навъи ҷараёни таҳдидкунанда |
|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳристон | Шаҳристон | Сел, хушксолӣ | Янгиқӯрғон | Куликутан | Селҳо, хушксолӣ, сангфарой |
| | Бураген | Селҳо, сангфарои | | Увоқ | Селҳо, хушксолӣ |
| | Ҷаркӯтан | Селхо, хушксолӣ | | Холдорқипчоқ | Селҳо, хушксолӣ |
| | Қаерма | Селҳо, хушксолӣ | | Қарабчӣ | Селҳо, хушксолӣ |
| | Чашмасор | Селҳо, хушксолӣ | | | Селҳо, хушксолӣ |
| | Урохлӣ | Селҳо, хушксолӣ | | | |
| | Мукур | Селҳо, хушксолӣ | | | |
| | Ишқилӣ | Селҳо, хушксолӣ | | | |

Дар давраи солҳои 2007-2010 ҳолатҳои фавқулодда бештар ба соҳаҳои инфрасохтор ва кишоварзии ноҳияи Шаҳристон зарари зиёд расонидаанд. Қисми зиёди хисорот, ҳам аз рӯи фоиз ва ҳам аз рӯи маблағ ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Хисороти соҳаи кишоварзӣ дар давраи зикршуда 3160,0 ҳаз. сомониро ташкил дода, ба 51,6 фоизи хароҷоти умумии буҷети ноҳия баробар аст.

Масоҳати заминҳои киштбоб 19,5 фоизи (13207 га) масоҳати умумии заминҳои ноҳияи Шаҳристонро ташкил медиҳад, яъне ба ҳар нафар сокини ноҳия қариб 0.40 га замини кишт рост меояд.

Бо чунин миқдори ками замини киштбоб, зарари соҳаи кишоварзӣ аз ҳолатҳои фавқулодда ниҳоят ташвишовар буда, бевосита ба вазъи рӯзгори аҳолии ноҳия таъсири манфии худро мерасонад.

Дар шароити маҳдудияти захираҳои замин ва хисороти назаррас аз офатҳои табии, масъалаи ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ ва соҳаи аграрӣ аз обхезиҳо, селҳо ва ярчҳо, тавассути сохтмони иншооти дахлдори муҳофизатӣ, аз қабили иҷрои корҳои

соҳилмустаҳкамкунӣ, селпартоҳо, шабакаҳои дренажӣ ва мустаҳкам намудани нишебиҳои ярчпазир, ниҳоят ҳалталаб мебошад.

*Ҷадвали №47. Маблағи зарари хоҷагиҳои ноҳия аз рӯи соҳаҳои фаъолият*

| Зарар (сомонӣ) | 2007 | 2008 | 2009 | 2010 | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Инфрасохтор | 374 | 128.0 | 672.3 | 175.2 | 1349.5 |
| Кишоварзӣ | 647.7 | 403.0 | 441.7 | 318.1 | 1810.5 |
| Ҳамагӣ: | 1021.7 | 531.0 | 1114.0 | 493.3 | 3160.0 |

*Диаграммаи 8*




Бо назардошти он, ки ноҳия дотатсионӣ буда, маблағи субвенсияҳои вилоятӣ аз 68% бештар аст, ҷиҳати фоидаовар гардонидани субъектҳо ва сафарбар намудани онҳо ба корҳои мигитатсионӣ имконият мавҷуд нест.

**Мушкилиҳои асосӣ ҷиҳати кам намудани таъсири офатҳои табиӣ.** Нокифоягии маблағҳои дар буҷет пешбинӣ гардида ва самаранокии пасти низоми пешгирии офатҳои табиӣ, аз ҷумла мавҷуд набудани гурӯҳбандии мавзеъҳои дар зери таъсири ҷараёнҳои геологии экзогенӣ қарордошта бо мақсади ошкор намудани минтақаҳои нисбатан осебпазир дар марҳилаи банақшагирии инфрасохтори шаҳраку деҳот, мавҷуд набудани харитаи минтақаҳои хавфноки ноҳия, механизмҳои суст амалкунанда оид ба сабуксозии оқибатҳои ҲФ, мавҷуд набудани баҳодиҳии техникии фонди манзили ноҳия, нокифоягии маблағҳо барои корҳои сохилмустаҳкамкунӣ, тоза кардани ҷӯйборҳо ва селроҳаҳо, худсарона кашонидани сангу регу қум аз селроҳаҳо.

## 2.4.2. Муҳити зист ва хоҷагии ҷангал

Вазъи муҳити зист дар ҳамаи бахшҳои Барномаи мазкур таҳлил гардида, чораҳои нигоҳ доштани устувории он баён шудаанд. Мушкилиҳои асосии соҳа хеле зиёданд, аз ҷумла, бад шудани ҳолати арчазорҳо, зиёд шудани теъдоди ҳодисаҳои буридани дарахтон ва қӯруқшиканӣ, ифлосшавии мавзеъҳои кӯҳсор бо партовҳои сахти маишӣ, хавфи ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқуллода (сел, ярч), азхудкунии заминҳои наздикӯҳӣ бе назардошти релефи он, бад шудани ҳолати чарогоҳҳо, азхудкунии ғайриқонунии канданиҳои фоиданоки табиӣ, аз ҷумла шағал, қум ва сангҳо, ҳолати ногувори мамнӯъгоҳи Қусовлисой.

**Соҳаи ҷангал.** Дар доираи «Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии он, бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳбудӣ бахшидан ба ҳолати муҳити зист, пешбинӣ гардидаанд.

*Ҷадвали №48. Нишондиҳандаҳои асосии хоҷагии ҷангали ноҳияи Шаҳристон.*

| Нишондиҳандаҳо | Воҳиди ченак | Майдони замин |
|---|---|---|
| Масоҳати умумии ҳудуди ҷангал | га | 28398 |
| фонди озоди ҷангал | га | 18281,8 |
| заминҳои обӣ | га | 18,72 |
| чарогоҳ | га | 658,0 |
| ҷангалу бешазор | га | 15255 |
| зери об | га | 130,1 |
| зери роҳ | га | 11,0 |
| зери иморату иншоотҳо | га | 2,18 |
| дигар заминҳо | га | 2206,8 |

Аз 20000 гектар майдони мавҷудаи ҷангалҳои ноҳия, зиёда аз 18000 гектари он арчазор буда, ба равандҳои глобалии дигаргуншавии иқлим таъсири назаррас мерасонад. Вақтҳои охир, аз беназоратӣ ва ба миқдори зиёд буридан ва минбаъд барқарор накардани шумораи дарахтон, ҳолати чангалзорҳо бад шуда истодааст. Барои пешгирии ин вазъият, бояд аҳолӣ саривақт бо ангиштсанг таъмин карда шавад ё низоми истифодабарии ҷомеавии ҷангалҳо ба роҳ монда шавад. Низоми мазкур ба аҳолии деҳаҳои наздиктарин, дар асоси шартнома, вобаста кардани мавзеъҳои ҷангалро пешбинӣ менамояд. Дар сурати татбиқи низоми зикргардида, ба аҳолӣ имконияти истифода бурдани заминҳо барои чаронидани чорво бо риояи меъёрҳои муқарраргардида, истифодабарии дарахту шохаҳои хушкшуда ва барқарорсозии ҷангал бо роҳи шинонидани дарахтони сабзшавиашон босуръат, дода мешавад.

Муассисаи давлатии «Хоҷагии ҷангали ноҳияи Шаҳристон» дар асоси нақшаи буҷавӣ ба бунёди ҷангал, тайёр кардани тухми арча, ҷамъоварии гиёҳҳои шифобахш, ғунучинӣ буттамеваҳои кӯҳӣ ва корҳои биотехникӣ машғул мебошад. Айни ҳол муассисаи номбурда дар фаъолияти худ бо мушкилиҳои мавҷуд набудани хонаҳои хизматӣ барои ҷангалбонон дар минтақахои кӯҳӣ ва норасогии либосҳои махсуси мавсимӣ, норасогии техника ва воситаҳои сӯхторхомӯшкунӣ дучор гардидааст.

Ташкили коркарди маҳсулоти ҷангал аз қабили хуч, гиёҳҳои шифобахш, зирк, бодоми кӯҳӣ ва ғайраҳо, манбаи зиёд намудани даромад ва ташкили ҷойҳои нави корӣ дар ин соҳа хоҳад буд. Зеро, дар ҳудуди ҷангалзорҳои ноҳия зиёда аз 40 намуди гиёҳҳои шифобахш мерӯянд.

Ноҳия иқтидори баланди рушди соҳаҳои туризм ва шикорро дорад. Аммо барои рушди ин соҳаҳо, нигоҳдории табиат ва тавозуни биогуногунии он, ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ зарур мебошад.

**Мушкилиҳои мавҷудаи хоҷагии ҷангали ноҳия** - мавҷуд набудани хонаҳои хизматии ҷангалбонон дар минтақаҳои кӯҳӣ ва либосҳои махсуси мавсимӣ барои онҳо, мавҷуд набудани дастгоҳи хушконидани меваҳо ва гиёҳҳои доругӣ, норасогии техникаҳои коркарди соҳавӣ ва сӯхторхомӯшкунӣ, норасогии маблағ барои сохтмони базаи туристӣ ва эҳёи туризм, тараққӣ наёфтани шикорчигии байналмиллӣ мебошад.

*Ҷадвали №49. Нишондиҳандаҳои дурнамои рушди соҳаи ҳифзи муҳити зист дар ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2013-2015*

| Нишондиҳандаҳо | с.2011 ҳисобот | с.2012 баҳодиҳӣ | Параметрҳои дурнамо | | | с.2015 бо % нисбати с.2011 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | с.2013 | с.2014 | с.2015 | |
| Ҳаҷми умумии ҳудуди обгирӣ аз иншоотҳои табиӣ (млн. м³) | 19,6 | 19,8 | 20,0 | 20,0 | 20,0 | 102 |
| Ҳаҷми гардиши об ва оби дубора истифодабаранда – ҳамагӣ (млн. м³) | | | | | | |
| Амнияти зироатҳои кишоварзӣ аз касалӣ ва ҳашаротҳои зарараррасон – ҳамагӣ (ҳазор га) | 13,1 | 13,1 | 13,1 | 13,1 | 13,2 | 101 |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| аз ҷумла: | | | | | | |
| бо методи биологӣ | | | | | | |
| бо методи кимиёвӣ | 13,1 | 13,1 | 13,1 | 13,1 | 13,2 | 101 |
| Обтаъминкунӣ – ҳамагӣ (км) | | | | | | |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| водопроводҳои магистралӣ (км) | 6 | 7 | 8 | 8 | 9 | 150 |
| ҳавлигӣ (км) | 7,2 | 7,5 | 7,8 | 7,8 | 8,0 | 111 |
| Сохтмони шабакаҳои обӣ (км) | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 100 |
| Ҳолати заминҳои обёришаванда – ҳамагӣ (ҳазор га) | 4,1 | 4,1 | 4,15 | 4,18 | 4,18 | 102 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| шӯрзада | | | | | | |
| ботлоқшуда | | | | | | |
| аз гардиши кишоварзӣ берун монда | | | | | | |
| Заминҳои азхудшаванда (ҳаз. га) | 286 | 286 | 286 | 286 | 286 | 100 |

## 2.4.3. Стратегия ва вазифаҳои бахши ҲФ ва ҳифзи муҳити зист

*Ҷадвали №50*

| Мақсад | Вазифаҳо | Чорабиниҳо/лоиҳаҳо | Арзиши умумии лоиҳа. сомонӣ | Солҳо | | | | Сарчашмаи маблаггузорӣ | Натиҷаҳои пешбинишуда |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | |
| Ҳифзи муҳити зист | | | | | | | | | |
| Паст кардани рафти деградасияи ресурсҳои табиӣ (ҷангал, замин, об) | 1.Беҳтар намудани роҳбари ва истифодаи хоҷагии ҷангал. | 1.1.Васеъ намудани майдони ҷангал бо ҷалби аҳолӣ ва секто-ри хусусӣ бо роҳи бунёд наму-дани майдони ҷангалзорҳои нав (Лоиҳаи инвеститсионии Шаҳристон - макони ободу то-за). | 98400 | - | 32800 | 32800 | 32800 | Буҷети ҷумҳуриявӣ | Афзоиши ҳарсолаи майдо-ни фонди ҷангал то соли 2016 ба 10 % расонида шу-дааст.<br><br>Шумораи ташкилотҳои ҷамоавии истифодабарандагони ҷангал то соли 2016 ба 20 адад расонида шудааст.<br><br>Ҳаҷми андозҳои ба буҷети ноҳия Дохилшаванда аз ҳисоби зиёд шудани шумораи сайёҳон то соли 2016 то 65% афзудааст. |
| | | 1.2.Ба низоми истифодабарии ҷамоавӣ гузаронидани хоҷагии ҷангал. | 12000 | - | 12000 | - | - | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.3.Бо ҷалби сармоя гузаронида-ни инвентаризатсия дар мавзеи Кӯсовлисой. | 70000 | - | 35000 | 35000 | - | Сармояи хориҷӣ | |
| | | 1.4.Ташкили корхонаи тиҷоратии сайёҳӣ ва шикор | 150000 | - | 100000 | 50000 | - | Соҳибкорон | |
| | | 1.5.Ҷорӣ намудани андоз аз до-хилшавандагон ба мавзеъҳои истироҳатӣ. | 5000 | - | 5000 | - | - | Номуайян | |
| | | 1.6.Дарёфт кардани маблаг ба-рои таъминоти хоҷагии ҷангал бо маводҳо, техника, либосҳои махсус ва гайра. | 140000 | - | 40000 | 50000 | 50000 | Номуайян | |
| | | 1.7.Ташкили коргоҳи ниҳолпарварӣ бо истифодаи манбаҳои алтернативии таъминоти гармӣ. | 180000 | - | 80000 | 80000 | 20000 | Буҷети вилоят | |
| | | 1.8.Ташкили мактаб бо равияи экологӣ ва ташкили гурӯҳи «Патрули сабз». | 15000 | - | 15000 | - | - | Номуайян | |
| | | Ҷамъ дар бахши ҳифзи муҳити зист | 670400 | - | 319800 | 247800 | 102800 | | |

| Пешгирии ҳолатҳои фавқулодда | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Беҳтар намудани сатҳи тайёрӣ ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодда. | 1.Роҳандозӣ намудани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ.Дарёфти имконият-хо барои корхои соҳилмустаҳкамкунӣ | 1.1.Мустаҳкам намудани соҳили сой дар мавзеи Бу-раген | 404850 | - | 134950 | 134950 | 134950 | Номуайян | Дарозии умумии иншоотҳои соҳилмустаҳ камкунӣ то соли 2016 ба 45 км расонида шудааст.<br><br>Шумораи маҳалҳои аҳолинишине, ки иншоотҳои соҳилмустаҳкамкунӣ со-хта шуд то соли 2016 то 50% зиёд гардидааст.<br><br>Ҳолати экологии ноҳия то соли 2016 то 80% беҳтар гаштааст. |
| | | 1.2.Мустаҳкам намудани соҳили «Шаҳристонсой» дар мавзеи деҳаи Шаҳристон, маҳаллаи Шокирободод | 103465 | - | 34498,3 | 34498,3 | 34498,3 | Номуайян | |
| | | 1.3.Мустаҳкам намудани соҳили сой дар мавзеи деҳаи Холдорқипчоқ. | 111736 | - | 55868 | 55868 | - | Номуайян | |
| | | 1.4.Мустаҳкам намудани соҳили сойи «Чашмасор» дар деҳаи Чашмасор. | 161957 | 53991,6 | 53991,6 | 53991,6 | - | Номуайян | |
| | | 1.5.Мустаҳкам намудани соҳили сой дар мавзеи деҳаи Қулиқӯтан. | 92496 | - | 92496 | - | - | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | Ҳамагӣ дар бахши ҳолатҳои фавқуллода | 874504 | 53991,6 | 371803,9 | 279307,9 | 169448,3 | | |
| | | Ҳамагӣ дар бахши ҲФ ва ҳифзи муҳити зист | 1544904 | 53991,6 | 691603,9 | 527107,9 | 272248,3 | | |
| | | Буҷети ноҳия | 92496 | - | 92496 | - | - | | |
| | | Буҷети вилоят | 180000 | - | 80000 | 80000 | 20000 | | |
| | | Буҷети ҷумҳуриявӣ | 98400 | - | 32800 | 32800 | 32800 | | |
| | | Сармояи хориҷӣ | 82000 | - | 47000 | 35000 | | | |
| | | Маблағҳои аҳолӣ | - | - | - | - | - | | |
| | | Эҳтиёҷот ба маблағ | 1092008 | 53991,6 | 439307,9 | 379307,9 | 219448,3 | | |

**2.5. Таъминоти захиравии раванди идоракунии рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ноҳия.**

**Таъминоти молиявӣ-буҷавӣ.** Ноҳияи Шаҳристон дар ҷумҳурӣ аз қабили он минтақаҳое мебошад, ки аз буҷети сатҳҳои дигар кӯмаки молиявӣ (субвенсия) мегирад.

Даромади умумии буҷети ноҳияи Шаҳристон ба 15 намуди андоз асос ёфта, аз он 13 тояш ба пуррагӣ дар ихтиёри буҷети маҳаллӣ мемонанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки даромади буҷети маҳаллии ноҳия сол аз сол афзоиш ёфта истодааст ва тамоили афзоиши нишондиҳандаҳои даромадҳои худӣ ба назар мерасад. Амалия нишон медиҳад, ки дар соли 2010 ҳиссаи даромадҳо аз ҳисоби андоз аз даромади шахсони воқеӣ (12,1%) ва андози фоида аз шахсони ҳуқуқӣ (32,8%) ба буҷети маҳаллӣ бештар мебошад.

Дар асоси таҳлили тамоюлҳои афзоиши қисми даромади буҷети ноҳияи Шаҳристон ва бо назардошти таъсири бӯҳрони иқтисодию молиявӣ, дурнамои даромадҳои ноҳия барои давраи миёнамӯҳлат тартиб дода шудааст.

Дар сохтори хароҷотҳои буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳристон дар соли 2010 аз рӯи гурӯҳбандии иқтисодӣ 63,2% маблағҳо барои пардохти музди меҳнат, 19,5% маблағҳо барои суғуртаи давлатӣ ва 17,3% маблағҳо барои дигар чорабиниҳо масраф гардидаанд.

*Ҷадвали №51. Таҳлили қисми даромади буҷети маҳаллии ноҳия дар солҳои 2008-2010 (сомонӣ).*

| Номгӯи даромадҳо | 2008 г. | | | | 2009 г. | | | | 2010 г. | | | | % и иҷроиш | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нақша | иҷроиш | % -и иҷроиш | % аз миқдори умумии даромадҳо | нақша | Иҷроиш | % -и иҷроиш | % аз миқдори умумии даромадҳо | нақша | Иҷроиш | % -и иҷроиш | % аз миқдори умумии даромадҳо | 2010 нисбати 2008 | 2010 нисбати 2009 |
| Андози даромад аз шахсони воқеӣ | 237009 | 283772 | 120,0 | 6,5 | 336222 | 399018 | 118,7 | 7,2 | 460055 | 491150 | 106,8 | 8,0 | 1,7 мар | 1,2 мар |
| Андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ | 750 | 36922 | 5,0 раз | 0,8 | 7000 | 45012 | 6 раз | 0,8 | 102946 | 106936 | 103,9 | 1,7 | 2,9 мар | 2,4 мар |
| Андоз аз арзиши иловашуда | 20671 | 42103 | 204,0 | 1,0 | 21867 | 21907 | 100,2 | 0,4 | 36936 | 37061 | 100,3 | 0,6 | 88,0 | 1,7 мар |
| Андози замин | 173667 | 173701 | 100,0 | 4,0 | 52545 | 56752 | 108 | 1,0 | 158085 | 158370 | 100,2 | 2,6 | 91,2 | 2,8 мар |
| Андоз аз истифодабаранда-гони қаъри замин | 18044 | 24098 | 125,0 | 0,5 | 2728 | 5690 | 208,6 | 0,1 | 4813 | 4913 | 102,1 | 0,1 | 20,4 | 86,3 |
| Андоз аз истифодабаранда-гони роҳҳои автомобилгард | 9880 | 33384 | 338,0 | 0,8 | 27425 | 67662 | 246,7 | 1,2 | 88450 | 88833 | 100,4 | 1,4 | 2,7 мар | 1,3 мар |
| Андоз аз рӯи низоми содда-кардашуда | 7471 | 12939 | 173,0 | 0,3 | 12507 | 49899 | 399,0 | 0,9 | 45956 | 54087 | 117,7 | 0,9 | 4,2 мар | 1,1 мар |
| Андози ягона | 436007 | 450261 | 103,0 | 10,5 | 890805 | 721932 | 81,0 | 13,0 | 619015 | 620178 | 100,2 | 10,1 | 1,4 мар | 86,0 |
| Боҷи давлатӣ | 36267 | 42001 | 116,0 | 1,0 | 39806 | 45871 | 115,2 | 0,8 | 91306 | 105427 | 115,5 | 1,7 | 2,5 мар | 2,3 мар |
| Андози ҳадди ақал аз даро-мади корхонаҳо | 7761 | 12397 | 173,0 | 0,3 | 21537 | 50277 | 233,4 | 0,9 | 25255 | 25678 | 101,7 | 0,4 | 2,1 мар | 51,1 |
| Андоз аз амволи ғайриманқул | 56486 | 58699 | 104,0 | 1,3 | 90815 | 90841 | 100,0 | 1,6 | 82883 | 83378 | 100,6 | 1,3 | 1,4 мар | 91,8 |
| Андоз аз соҳибони воситаи нақлиёт | 38127 | 50013 | 131,0 | 1,1 | 76888 | 80723 | 105,0 | 1,4 | 70857 | 133726 | 188,7 | 2,2 | 2,7 мар | 1,6 мар |
| Андоз аз фурӯши чакана | 57915 | 78961 | 136,0 | 1,8 | 78565 | 88527 | 112,7 | 1,6 | 83565 | 99270 | 118,8 | 1,6 | 1,2 мар | 1,1 мар |
| Дигар даромадҳо | 64885 | 121637 | 187,4 | 2,8 | 125486 | 182594 | 145,5 | 3,3 | 271322 | 284933 | 105,0 | 4,7 | 2,3 мар | 1,5 мар |

| | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҷамъи даромадҳо | 1164940 | 1420888 | 122,0 | 32,7 | 1784196 | 1906705 | 106,9 | 34,2 | 2141444 | 2293940 | 107,1 | 37,3 | 1,6 мар | 1,2 мар |
| Субвенсияи вилоятӣ | 2682213 | 2682213 | 100,0 | 61,8 | 3602335 | 3602335 | 100,0 | 64,7 | 3852332 | 3852332 | 100,0 | 62,6 | 1,4 мар | 1,1 мар |
| Ҳисоббаробаркуни | 137958 | 137958 | 100,0 | 5,5 | 60025 | 60025 | 100,0 | 1,1 | 9775 | 9775 | 100,0 | 0,1 | 4,1 | 16,3 |
| Ҳамагӣ даромадҳо | 3985111 | 4341059 | 106,0 | 100 | 5446556 | 5569065 | 102,2 | 100,0 | 6003551 | 6156047 | 102,6 | 100,0 | 1,4 мар | 1,1 мар |

*Ҷадвали №52. Таҳлили қисми хароҷоти буҷети маҳаллии ноҳия дар солҳои 2008-2010. (сомонӣ.)*

| Номгӯи хароҷотҳо | 2008 г. | | | | 2009 г. | | | | 2010 г. | | | | % и иҷроиш | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Нақша | иҷроиш | % -и иҷроиш | % аз миқдори умумии даромадҳо | нақша | Иҷроиш | % -и иҷроиш | % аз миқдори умумии даромадҳо | нақша | Иҷроиш | % -и иҷроиш | % аз миқдори умумии даромадҳо | 2010 нисбати 2008 | 2010 нисбати 2009 |
| Идоракунии давлатӣ | 360859 | 399189 | 110,6 | 10,1 | 520411 | 509804 | 97,9 | 9,9 | 564254 | 570533 | 101,1 | 9,5 | 142,9 | 111,9 |
| Маориф | 2331062 | 2308810 | 99,0 | 57,4 | 3147563 | 2830917 | 90,0 | 55,2 | 3604755 | 3524657 | 97,8 | 58,6 | 152,7 | 124,5 |
| Тандурусти | 882768 | 863384 | 97,8 | 21,3 | 1357228 | 1174266 | 86,5 | 23,0 | 1468733 | 1436108 | 97,8 | 23,9 | 166,3 | 122,3 |
| Суғуртаи иҷтимоӣ | 64981 | 69680 | 107,2 | 1,8 | 91292 | 81759 | 89,5 | 1,6 | 80823 | 95363 | 118,0 | 1,6 | 136,8 | 116,6 |
| ХМК | 207969 | 208011 | 100,0 | 5,3 | 267075 | 305622 | 114,4 | 5,9 | 186749 | 196577 | 105,3 | 3,3 | 94,5 | 64,3 |
| Фарҳанг | 64980 | 69588 | 107,1 | 1,8 | 123075 | 116962 | 95,0 | 2,3 | 151486 | 159727 | 105,4 | 2,6 | 229,5 | 136,5 |
| Хоҷагии қишлоқ | 22492 | 21090 | 93,8 | 0,5 | 35016 | 30496 | 87,0 | 0,6 | 30073 | 25888 | 86,1 | 0,4 | 122,7 | 84,9 |
| Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ | 50000 | 50000 | 100,0 | 1,3 | 64047 | 79513 | 108,0 | 1,5 | 8830 | 8843 | 100,1 | 0,1 | 17,7 | 13,0 |
| Ҳамагӣ: | 3985111 | 3947452 | 99,8 | 100,0 | 5605708 | 5128639 | 91,4 | 100,0 | 6095703 | 6017696 | 98,7 | 100,0 | 152,4 | 117,3 |

Дар буҷети маҳаллии ноҳияи Шаҳристон барои соли 2011 аз сабаби он, ки иҷроиши нақшаи қисми даромади буҷет бо дохилшавии 69,8% (ё 4910170 сомонӣ) маблағҳои субвенсионӣ пурра мегардад, бинобар он, маблағгузории лоиҳаҳои афзалиятноки Барномаи рушди ноҳия ба инобат гирифта нашудааст.

**Воситаҳои молиявии иловагӣ**. Дар доираи татбиқи як қатор барномаҳои соҳавие, ки аз тарафи вазорату идораҳо амалӣ гашта истодаанд, дар ноҳияи Шаҳристон низ дар тӯли солҳои 2011-2015 дар доираи барномаҳои амалкунанда татбиқи баъзе чорабиниҳо пешбинӣ гардидааст.

Дар давоми солҳои 2009-2011 тибқи иҷрои «Барномаи беҳтар намудани таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби тозаи нӯшокӣ барои солҳои 2007-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №514 аз 2 декабри соли 2006 тасдиқ шудааст, барои бунёди шабакаи обтаъминкунӣ ва рифоҳии ноҳияи Шахристон аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ, бурсҳо (грантҳо) ва кӯмакҳои техникӣ, ҷудо намудани маблағҳо дар ҳаҷми 1372,6 ҳазор сомонӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар «Барномаи рушди хоҷагии ҷангали Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2006-2015» масъалаҳои ҳалталаби соҳаи ҷангал ва самтҳои асосии рушди он бо мақсади баланд бардоштани сатҳи иқтисодиёт ва беҳбудӣ бахшидан ба ҳолати муҳити зист пешбинӣ шудааст. Дар доираи татбиқи Барномаи зикргардида, дар ноҳияи Шаҳристон бо мақсади иҷрои корҳо оид ба бунёди майдони ҷангалзорҳои нав ва иҷрои чорабиниҳои ҳифзи ҷангал пешбинӣ шудааст.

Инчунин, дар доираи татбиқи «Барномаи давлатии рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» ва «Барномаи компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015», «Барномаи давлатии сохтмон, таъмиру азнавсозии мактабҳо барои солҳои 2008- 2015, ки дар хонаҳои шахси, вагонхонаҳо, биноҳои маъмурию ҷойҳои ҷамъиятӣ ҷойгиранд» дар ноҳия, дар самти компютерикунонӣ, сохтмон ва таъмиру барқарорсозии иншоотҳои соҳаи маориф корҳои назаррас ба анҷом расонида шудаанд.

*Ҷадвали №53. Стратегия ва вазифаҳо оид ба беҳтар намудани иқтидори захиравӣ раванди идоракунии рушд*

| Мақсад | Вазифаҳо | Ҷорабиниҳо | Арзиш | Солҳо | | | | | Манбаи маблаггузорӣ | Индикаторҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | | |
| Баланд намудани сатҳи иқтидори захиравии ноҳия бо мақсади идоракунии рушди устувор | 1.Беҳтар намудани шароити фаъолияти мутахассисони дастгоҳи марказии ноҳия ва ҷамоатҳо | 1.1.Таҳияи базаи ягонаи маълумотҳои омории ноҳия ва тайёр намудани қонун ва санадҳои меъёрӣ барои кормандони МИҲД | 55 | 20 | 20 | 15 | - | - | Сармояи хориҷӣ | Шумораи субъектҳои бо базаи ягонаи электронии маълумотҳои оморӣ таъмингардида (100% то соли 2016)<br><br>Шумораи ҷамоатҳои ба шабакаи ИНТЕРНЕТ пайвастгардида (100% то соли 2016)<br><br>Фоизи кормандони МИҲД ва дастгоҳи идоракунии ҷамоатҳо бо теҳникаи компютерӣ ва таҷҳизотҳои лозимӣ (85% то соли 2016 ) |
| | | 1.2.Ҳар сол ба 2 мутаҳасиси ҷавони МИҲД пешниҳод намудани қитъаи замин | 40 | 10 | 20 | 10 | - | - | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.3.Харидорӣ намудани теҳникаи компютерӣ барои раёсат ва шӯъбаҳои МИҲД | 75 | 15 | 15 | 15 | 15 | 15 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.4.Таъмин намудани дастрасии кормандони дастгоҳи МИҲД ба шабакаи ИНТЕРНЕТ | 50 | 10 | 10 | 10 | 10 | 10 | | |
| | | 1.5.Таҳия намудани базаи маълумотҳо оид ба донорҳо, аниқ намудани соҳаи фаъолияти онҳо, афзалиятҳо ва стратегияи донорҳо. | 8 | - | 5 | 1 | 1 | 1 | | |
| | | 1.6.Таъмин намудани дастрасии кормандони ҷамоатҳои ноҳия ба шабакаи ИНТЕРНЕТ (Харидорӣ намудани модем) | 20 | 5 | - | 5 | 5 | 5 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.7.Таъмир ва таҷдиди биноҳои маъмурии МИҲД ва биноi маъмурии ҷамоатҳо | 545 | - | 145 | 150 | 150 | 100 | Буҷети маҳаллӣ | |
| | | 1.8.Ташкил намудан ва омӯзонидани «фондрезинг» бо мақсади ҷалби маблагҳои иловагӣ. | 15 | - | 5 | 5 | 5 | - | Сармояи хориҷӣ | |
| Ҳамагӣ: | | | 808 | 60 | 220 | 211 | 186 | 131 | | |

## 2.6. Манбаъҳои маблағгузорӣ

Манбаъҳои асосии маблағгузории БРН-ро буҷетҳои маҳаллӣ, ҷумҳуриявӣ, сармояҳои ташкилотҳои хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорони дохилӣ, ҳиссаи шаҳрвандон ва дигар кӯмакҳои берунӣ ташкил медиҳанд. Дар БРН лоиҳаҳои воридгардида аз рӯи хусусияти маблағгузориашон ба ду қисмат тақсим карда мешаванд:

а) лоиҳаҳои маблағгузориашон муайяншуда;

б) лоиҳаҳои афзалятнокӣ ба маблағгузорӣ эҳтиёҷ дошта.

Ҳамаи амалҳо ва чорабиниҳои дар Барномаи мазкур тарҳрезишуда, барои татбиқи амалӣ ба захираҳои назарраси молиявӣ эҳтиёҷ доранд. Манбаи асосии маблағгузории Барномаи рушди ноҳияи Шаҳристон, буҷети ҷумҳуриявӣ, буҷети вилоятӣ, буҷети маҳаллӣ, сармояи ташкилотҳои хориҷӣ, маблағҳои соҳибкорон ва дигарҳо мебошад. Чуноне, ки дар боло қайд гардидааст, ноҳияи Шаҳристон аз қабили он минтақаҳое мебошад, ки аз сатҳҳои дигари буҷет кӯмаки молиявӣ (субвенсия) мегирад.

Барои татбиқи лоиҳаҳои афзалиятноки тамоми соҳаҳои иқтисодиёти ноҳия, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳристон барои солҳои 2011-215 пешбинӣ шудаанд, дар ҳаҷми 43922255 ҳазор сомонӣ маблағ лозим мебошад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки 24,2% лоиҳаҳои дар Барномаи Рушд, зикршуда сарчашмаи маблағгузориашон муайян мебошад, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ, буҷети ҷумҳуриявӣ, сармояи хориҷӣ ва маблағҳои аҳолии ноҳия.

Бояд қайд кард, ки барои пурра татбиқ намудани Барномаи мазкур ва ноил гардидан ба мақсадҳои гузошташуда дар давраи то соли 2015 дар ҳаҷми 33262981 сомонӣ ё 75,7% маблағ намерасад. Бинобар ин Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро лозим мебошад, ки ҷиҳати дарёфти сарчашмаи маблағгузории лоиҳаҳои боқимонда тадбирҳои судманд андешанд.

*Ҷадвали №54. Арзиши умумии БРН аз рӯи соҳаҳо барои солҳои 2011-2015*

| Соҳаҳо | Ҳамагӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Блоки иқтисодӣ | 4792272 | - | 133000 | 1477636 | 1925636 | 1445000 |
| • Кишоварзӣ | 1614272 | - | 18000 | 640636 | 744636 | 400000 |
| • Саноат | 1537000 | - | 90000 | 493000 | 534000 | 420000 |
| • СХМ | 1641000 | - | 25000 | 344000 | 647000 | 625000 |
| Блоки иҷтимоӣ | 6100985 | - | 1403300 | 3553168 | 3466779 | 2445229 |
| • Маориф | 2801690 | - | 1381100 | 2590486 | 2280797 | 2045797 |
| • Тандурустӣ | 1460000 | - | - | 670000 | 690000 | 100000 |
| • Ҳифзи иҷтимоӣ | 305000 | - | - | 75000 | 125000 | 105000 |
| • Фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ | 1534295 | - | 22200 | 217681,6 | 370981,6 | 194431,6 |
| Инфрасохтор | 31483286 | - | 5668322 | 8678322 | 8643322 | 8593322 |
| • Обтаъминкунӣ ва канализасия | 2274500 | - | 541125 | 651125 | 616125 | 566125 |
| • Барқтаъминкунӣ | 2129586 | - | 532396,5 | 532396,5 | 532396,5 | 532396,5 |
| • Нақлиёт ва роҳ | 27079200 | - | 4594800 | 7494800 | 7494800 | 7494800 |
| Ҳифзи муҳити зист ва ҲФ | 1544904 | - | 53991,6 | 691603,9 | 527107,9 | 272248,3 |
| Блоки идоракунӣ | 808 | 60 | 220 | 211 | 186 | 131 |
| Ҳамагӣ арзиши БР | 43922255 | 60 | 7258834 | 14400941 | 14563031 | 12755930 |

*Ҷадвали №55. Маблаггузории Барномаи Рушд аз рӯи сарчашмаҳои маблаггузорӣ*

| Сарчашмаҳо | Ҳамагӣ | % аз арзиши умумӣ | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Буҷети ноҳия | 674234 | 1,53% | 40 | 72695 | 398520,3 | 287014,3 | 135964,3 |
| Буҷети вилоят | 2 470 000 | 5,62% | - | 280200 | 450250 | 380550 | 360000 |
| Буҷети ҷумҳуриявӣ | 1842986 | 4,19% | - | 262396,5 | 545196,5 | 675196,5 | 360196,5 |
| Сармояи хориҷӣ | 4315365 | 9,82% | 20 | 732525 | 1091618 | 1312603 | 1178598 |
| Маблағҳои соҳибкорон, х/д ва аҳолӣ | 1356689 | 3,08% | - | 115000 | 556689 | 430000 | 255000 |
| Эҳтиёҷот ба маблағ | 33262981 | 75,76% | - | 5796017 | 11358667 | 11477667 | 10466171 |
| Ҳамагӣ: | 43922255 | 100% | 60 | 7258834 | 14400941 | 14563031 | 12755930 |

*Диаграммаи №9. Вазни қиёсии ҳамаи сарчашмаҳои маблаггузоии БРН*




Инчунин ҷиҳати самаранок истифода намудани маблағҳои буҷетӣ ва дигар сарчашмаҳои маблағгузории барои татбиқи Барномаи Рушд пешбинӣ гардида ҳаматарафа мавриди баррасӣ қарор диҳанд.

Айни ҳол, мутахассисони бахши иқтисоди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Шаҳристон оид ба роҳҳои асосии ҷалби маблағҳои иловагӣ барои татбиқи чорабиниҳои пешбинӣ гардида, таҷрибаи кофӣ надоранд. Аз ин лиҳоз, мутахассисони Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро лозим аст, ки ҳамкориро бо ташкилотҳои молиявии байналхалқии муқими ҷумҳурӣ тақвият дода, тартиби дурусти таҳияи лоиҳаҳои сармоягузориро ба таври васеъ омӯзанд. Инчунин, масъалаҳоро оид ба ташкили «Фондрейзинг» мавриди баррасӣ қарор дода, барои дар амал татбиқ намудани он чораҳои зарурӣ андешанд.

# БОБИ 3. НИЗОМИ МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБӢ

Яке аз унсурҳои муҳими низоми идоракунии татбиқи барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳристон, низоми мониторинг ва арзёбӣ мебошад. Он барои мушоҳидаи ҷараёни корҳо ва таҳлили натиҷаҳои бадастомадаи Барнома, ошкор намудани таҷрибаи мусбии андӯхта ва проблемаҳои мавҷуда дар татбиқи он истифода бурда мешавад.

Низоми мониторинг ва арзёбӣ имкон медиҳад, ки робитаи мутақобила ва муттасил дар сиёсати қабулнамуда ва натиҷаҳои татбиқи амалии он таъмин гардад.

Гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ бо қарори Раиси ноҳия таъсис дода шуда, аз 5-7 аъзо иборат мебошад (мутахассисони соҳавӣ ва кормандони масъули мақомоти маҳаллии ноҳия). Гурӯҳи мониторинг ва арзёбиро Раиси ноҳия ё яке аз муовинони он сарварӣ мекунад.

Бо қарори мазкур барои гузаронидани мониторинг ва арзёбии Барномаи рушди ноҳия - сардори шӯъбаи иқтисод шахси масъул таъйин карда мешавад.

Раиси ноҳия фармоиши махсус мебарорад, ки нусхаи ҳисоботи семоҳаи ҳамаи лоиҳаҳои дар БРН дохилшуда барои ҳисобот ба шӯъбаи иқтисод пешниҳод шавад.

Муҳим аст, ки давра ба давра малака ва дониши аъзои гурӯҳи мониторинг ва арзёбӣ баланд бардошта шавад.

### 3.1. Сохтори низоми мониторинг ва арзёбӣ

Барои мониторинги Барномаи рушди ноҳия мушоҳидаи омилҳои зерин зарур мебошад:

- то кадом андоза ҳадафҳои Барнома амалӣ шуда истодаанд;
- дар доираи Барнома, лоиҳаҳо чӣ гуна амалӣ шуда истодаанд.

Ба ифодаи дигар, бояд мониторинги натиҷаҳои нақша (дар ин ҷо сухан дар бораи натиҷаҳои Барнома дар маҷмӯъ меравад, на натиҷаҳои лоиҳаҳои ҷудогонаи он) ва мониторинги ҷараёни татбиқи лоиҳаҳо гузаронида шавад.

Мутаносибан низоми мониторинг бояд ду унсурро дар бар гирад.

***Мониторинги натиҷаҳои нақша*** бо роҳи ченкунии аҳамияти индикаторҳо анҷом дода мешавад. Мутаносибан, муваффақшавии ҳадафҳои нақшаро аз рӯи он мулоҳиза намудан мумкин аст, ки то кадом андоза мақсадҳои нишондиҳандаҳо ба даст омадаанд. Ҳамаи нишондодҳои пешниҳодгардида дар хазинаи маълумотҳои Раёсати оморӣ ноҳия мавҷуданд. Мониторинги натиҷаҳо ҳар сол гузаронида мешавад.

***Мониторинги иҷрои лоиҳаҳо*** дар доираи Барнома, тавассути параметрҳои зерин гузаронида мешавад: назорати ҷойгоҳи лоиҳа ва мувофиқат намудани он бо барнома. Дар ин маврид ҷадвали электронӣ бо формати Excel таҳия мешавад ва бояд ҳар семоҳа ба таври синхронӣ ва бо ҳисоботнокии лоиҳаҳо тасҳеҳ карда шавад.

Азбаски сатҳи коркарди лоиҳаҳои БРН гуногун аст, он дар таҳияи низоми мониторинг ба назар гирифта шудааст. Лоиҳаи ба Барнома дохилкардашуда метавонад 5 ҷойгоҳ дошта бошад. Инчунин, он метавонад тамоман таҳия нашуда ва ҳоло дар марҳилаи таҳия қарор дошта бошад, лекин дар Барнома номи он зикр гардидааст. Лоиҳаҳое низ ҳастанд, ки пурра таҳия шудаанд, вале аз сабаби набудани маблағ ё дигар омилҳо татбиқи онҳо оғоз нагардидааст. Инчунин лоиҳаҳое ҳастанд, ки дар арафаи анҷомёбӣ қарор доранд ва лоиҳаҳое мавҷуданд, ки онҳо аллакай иҷро шудаанд. Шахсе, ки ҷадвали мониторингро пур мекунад, бояд рақамҳои 1 то 5-ро вобаста ба ҷойгоҳи воқеии лоиҳа гузорад (ҷадвали 1).

*Мониторинг ва арзёбӣ иҷрои лоиҳаҳоро ба чор гурӯҳ ҷудо мекунад: «ҳамааш хуб»; «номувофиқатӣ дорад», «номувофиқатии ҷиддӣ дорад», «лоиҳа амалӣ нашудааст».*

Дар охири сол ҳангоми зарурият арзёбии чораҳои андешидашуда ва лоиҳаҳо дар яке аз соҳаҳои барнома бо назардошти захираҳои мавҷуда ва талаботи иттилоотӣ гузаронида мешавад. Арзёбии таъсиррасонӣ аз ҷониби мутахассисони соҳавӣ ва мустақил (коршиносон/экспертҳо), ки ҳолати бахши мазкурро хуб медонанд, гузаронида мешавад.

*Ҷадвали №56 Тартиби пур кардани ҷадвали мониторинги лоиҳаҳои барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияи Шаҳристон*

| Ҷойгоҳи лоиҳа<br>(рақам аз 1 то 5) | Иҷрои лоиҳа<br>нишонгузории ҳарфӣ-рангӣ:<br>а-сабз в-сурх<br>б-кабуд г-хокистарранг |
|---|---|
| 1. Таҳия нашудааст<br>2. Мавриди таҳия қарор дорад<br>3. Таҳия шудааст<br>4. Амалӣ шуда истодааст<br>5. Амалӣ шудааст | (а)Ба нақша мувофиқ аст ё тамоили назаррас надорад.<br>(б)Тамоили назаррас ба нақша дорад.<br>(в)Тамоили қатъӣ ба нақша дорад.<br>(г)Лоиҳа амалӣ нашуда истодааст. |

# РӮИХАТИ МАШВАРАТЧИЁНИ ТАҲИЯИ БРН

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Ҳамидов С. | Сардори шӯъбаи рушди минтақаҳо, Вазорати рушди иқтисод ва савдои ҶТ; |
| 2. | Қурбонхоҷаев Ю. | Мушовири калон оид ба идоракунии маҳаллии БРСММ; |
| 3. | Олимов М. | Мутахассиси БРСММ оиди ҷалби захираҳо; |
| 4. | Мадаминов Р. | Мутахассиси БРСММ оид ҳамоҳангсозӣ; |
| 5. | Деҳқонов Ҷ. | Мутахассиси БРСММ оид ба банақшагири; |
| 6. | Сатторова Л. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ; |
| 7. | Азизова С. | Мутахассиси БРСММ оид ба идоракунии маҳаллӣ; |
| 8. | Норов А. | Н.и.и, мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 9. | Ҳакимов Х. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 10. | Раҳмонов З. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |
| 11. | Абдуллоев М. | Мушовири миллӣ дар БРСММ; |

Ба чоп 25.09.2012 имзо шуд.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 9. Ҳуруфи адабӣ.
Адади нашр 30.

Дар ҶДММ «Контраст» чоп шудааст
ш. Душанбе, к. Н. Муҳаммад, 26